Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

6 майи соли 2015, чоршанбе, №19 (998)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН





## Фаромӯш нахоҳем кард!!!

70- солагии Ғалаба бар Олмони фашистиро имрӯзҳо мардумони кишварҳои саҳмдор ва ҷомеаи мутараққӣ ба шакл ва тарзи гуногун ҷашн мегиранд.

Ба ин муносибат дар Тоҷикистон низ бо иштироки мақомоти сатҳи олии давлат, аъзои парламент, иштирокчиёни ҷанг, низомиёни гарнизони шаҳри Душанбе ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ маросими бошукӯҳи Иди Ғалаба баргузор мешавад. Дар ин рӯз бори дигар аз қариб 300 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон ба ҷабҳаи ҷанг, аз ҷумла беш аз 92 ҳазор қурбоншудагон ёдоварӣ хоҳад шуд.

Ҷашни аслии ин санаи муҳим ва намоиши ҳарбӣ рӯзи 9 май дар майдони Сурхи шаҳри Москва бо ҳузури ҳайатҳои расмӣ аз як қатор ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ ва кишварҳои ҳампаймон таҷлил мешавад. Дар ин барнома, аз ҷумла ҳайати олирутбаи кишвармон низ ширкат мекунад.

Бино ба хабари манобеи расмӣ, президенти Белорусия А. Лукашенко фақат дар бахше аз ин барнома иштирок мекунад, вале рӯзи паради ҳарбӣ ба Минск бармегардад ва дар намоиши ҷашнии ин рӯзи таърихӣ дар паҳлӯи ҳамватанони худ хоҳад буд.

Мақомоти Украина кишвари дигари дар гузашта саҳмдори ғалаба, ки пас аз табоддулоти сиёсӣ ва низомӣ дар беш аз як соли пеш ба қудрат расиданд, бараъкси бародарони белорусии худ иди ин санаи таърихиро мамнӯъ эълон карданд. Дар Гурҷистон ҳам ин ҷашн расмӣ таҷлил намешавад ва мақомоти Тифлис аз иштирок дар барномае, ки Русия мизбонаш аст, худдорӣ кардаанд.

Ба ҳар сурат ин Иди Бузург, ки шодмонӣ ва ашк дар он ҳамрадиф аст, ба хотири ёдоварӣ аз рӯзҳои мудҳиши он ҷанги хонумонсӯз, бо мақсади пешгирӣ ва такрор нашудани чунин як фоҷеаи ҷаҳонӣ таҷлил мешавад.

Аҳли идораи ҳафтанома, ки бо таҳия, омода ва нашри гузоришу мақолаҳо дар мавриди иштирокчиёни ҷанг ва рӯйдодҳои ин таърихи муштараки халқҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ саҳми худро гузоштанд, ба мардуми кишвар ва аз ҷумла ба ҳамаи хонаводаҳое, ки гузаштагонашон иштирокчии он буданд, солгарди Ғалабаи Бузургро табрик гуфта, ба сарзамини азизамон оромӣ,шукуфоӣ ва ободӣ орзу мекунанд.

Минбари халқ
6 майи соли 2015,
№19 (998)

# РАҲНАМОИ МИЛЛАТ

**Мақолаи донишмандони маъруфи тоҷик Носирҷон Салимӣ ва Холаҳмад Самеъ "Пешвои миллат"-ро, ки дар шумораи №13, ҳафтаномаи "Тоҷикистон" чоп шудааст, бо камоли шавқ мутолиа намудам. Дафъатан бояд гуфт, ки ба мақоми олии "Пешвои миллат" шоиста будани Президенти муҳтарами мо Эмомалӣ Раҳмон шахсан барои камина пешниҳоди нав ё падидаи ғайриинтизор нест.**



Ин андешаи ҷолиброро бисту як сол муқаддам дар шаҳри Ашқобод аз забони адиб ва тарҷумони туркман Тоҷмамад Ҷурдеков шунида будам, ки тафсилоташ дар китоби "Балогардон ё худ пораҳо аз хотираҳои як нависанда дар бораи се президент" (нашриёти "Ношир", соли 2013) ба пурррагӣ дарҷ гардидааст.

Барои исботи сухан пораеро аз он навиштаҳо иқтибос меорам:

...Хоҳиш кардам, дар бораи Ватани хеш тафсилот диҳад. Аз нақли Тоҷмамад маълум шуд, ки замони шӯравӣ Туркманистон байни 15 республикаи иттифоқӣ ҷои аз ҳама охирро ишғол мекард ва расман "гӯшаи аз ҷиҳати иқтисодию маданӣ қафомондатарини СССР" навишта мешуд. Баробари Тоҷикистон ба истиқлолият расид. Лекин аз байн як сол нагузашта, ба давлати бойтарин ва рӯ ба инкишофи минтақа табдил ёфт.

-Ин ҳама пешравӣ ба шарофати сарвари оқилу доною мо Сапармурод Ниёзов ба даст омад, - гуфт Тоҷмамад. - Бинобар ин, мо ӯро Туркманбошӣ номидем, ки маънояш доҳӣ, падари туркманҳост.

Тоҷмамад дар фароварди сухан гуфт:

-Методи роҳбарӣ ва усули корбарии президенти мо ибратбахш аст. Агар сарвари нави шумо ҳам тафаккури миллатпарастӣ дошта бошад, бо мурури замон пешвои миллат мешавад...

Бале, Сарвари давлати мо баҳри оромию ободӣ ва пешрафти ҷумҳурӣ хизматҳои арзанда кардааст. Эмомалӣ Раҳмон замоне қудратро ба даст гирифт, ки вазъият дар мамлакат ноором буд. Вазъияти сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон бо вазъи Туркманистони ҳамсоя, ки фазои ором дошт, ҳатто муқоиса карда намешуд. Ба ҷумҳурӣ хатари маҳвшавӣ таҳдид мекард. Хазинаи давлат комилан тиҳӣ буд. Аз рӯзҳои аввал Роҳбари давлат оқилона рафтор кард. Тарафҳои даргирро сари мизи гуфтушунид даъват намуд. Ин гуфтушунидҳо давра ба давра самар оварданд. Ниҳоят дар ҷумҳурӣ сулҳу амният ва ваҳдати миллӣ барқарор шуд. Бунёдкориҳо равнақи тоза гирифт. Хушбахтона имрӯз Тоҷикистон аз як кишвари ҷангзада ба ҷумҳурии ободу дар ҳоли пешрафт қарор дорад.

**Додохони ЭГАМЗОД,**
*сарвари бахши исфарагии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон*

# МУЛОҚОТ БО РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ШВЕЙТСАРИЯ ТОМАС ЙОРДАН

**Таърихи 30 апрел Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Йорданро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масоили вобаста ба ҳамкории бисёрҷанбаи Тоҷикистону Швейтсария баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамкориву ҳамшарикии Тоҷикистону Швейтсария изҳори қаноат карда, аз ҷумла чунин гуфт: **"Мо Швейтсарияро яке аз шариkони муҳими худ дар қитъаи Аврупо медонем ва ба он таваҷҷуҳи махсус дорем".**

Намояндагии ягона доштани Тоҷикистону Швейтсария дар Шӯроҳои Директорони иҷроияи Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ва Хазинаи Байналмилалии Асъор нишонаи возеҳи ҳамшарикии судбахш номида шуд.

Ба заминаи қарордодию ҳуқуқии ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ низ баҳои баланд дода шуд. Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар соли 2014 ҳаҷми гардиши мол миёни ду кишвар ба 480 миллион доллари амрикоӣ расид ва ин нисбат ба соли 2013 5,8 баробар зиёд аст.

Ҳамчунин ба саҳми Швейтсария дар татбиқи лоиҳаҳои гуногуни Тоҷикистон, ки ба таъмини суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равона гардидаанд, баҳои баланд дода шуд.

Ҳамзамон таъкид гардид, ки имконоти истифоданашуда барои густариши бештари ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ҳанӯз хеле зиёд аст.

Ҳарду ҷониб ҳавасмандии амиқи худро ба рушди бештари муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории судбахш, аз ҷумла дар самти коҳиш додани таъсири манфии омилҳои берунии буҳронӣ ба иқтисоди Тоҷикистон, таъкид доштанд.

# ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**Рӯзи 4 майи соли равон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Бонки миллии Тоҷикистон, Шӯрои адлия, мақомоти судӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти гумрук, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании ва дигар сохторҳо як зумра тағйироти кадрӣ ба миён овард.**

Ҳамин тариқ:

**- Нурмаҳмадзода Ҷамшед** - раиси Бонки миллии Тоҷикистон;

**- Нуралиев Ҷамолиддин Камолович** - муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон;

**- Ҳакимзода Руҳулло Абдуғанӣ** - Раиси Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк";

**- Раҳим Санъат Асо** - сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумиҳурии Тоҷикистон;

**- Қурбонов Ибодулло Каримович** - директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Олимов Миралӣ Назриевич** - муовини якуми директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Вализода Икромиддин Сироҷиддин** - муовини директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Шоев Рустам Мирзохоҷаевич** - муовини якуми раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Кенҷаев Муҳамадҷон Масеҳҷонович** - муовини раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Маҳмадов Ҷамшед Бобохонович** - муовини раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Каримзода Хуршед Абдураҳмон** - муовини якуми сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Сайдализода Суҳроб Қурбон** - муовини сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Каримов Тоир Авғонович** - сардори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Мирзоев Зоҳир Тоҳирович** - роҳбари Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия;

**- Муҳиддинов Нуриддин Давлаталиевич** - ректори муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон;

**- Ашурова Шаҳло Сайфуллоевна** - директори муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Ғоибов Алиҷон Ҷураевич** - президенти муассисаи давлатии Академияи илмҳои тибби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Садирзода Нусратулло Абдулло** - раиси суди шаҳри Душанбе;

**- Қурбониён Алишо Нарзулло** - муовини якуми раиси суди шаҳри Душанбе;

**- Саидзода Гулбону Исуф** - муовини раиси суди шаҳри Душанбе;

**- Абдураҳимов Асомудин Бобохонович** - муовини раиси суди шаҳри Душанбе таъйин шуданд;

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Саидзода Ҷамол Шариф** аз вазифаи муовини якуми раиси Шӯрои адлия ва бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидова **Қаноат Иброҳимовна** аз вазифаи директори Маркази таълими судяҳо дар назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар сабаби расидан ба синни нафақа озод карда шуданд.

Ғайр аз ин, 11 нафар аз вазифаҳои роҳбарӣ дар мақомоти судии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо сабаби расидан ба синни нафақа ва як нафар бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз мақомҳои қаблӣ озод карда шуданд.

Ба ҷойи кадрҳои ба нафақа рухсатёфта мутахассисони ҷавону оянддор ба ин вазифаҳо таъйин гардиданд.

Зимни суҳбат бо кадрҳои ба вазифаҳои нав таъиншуда, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба хизмати содиқонаю софдилона ба халқу Ватан ҳидоят намуд.

Ба масоили вобаста ба соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид. Таъкид карда шуд, ки барои ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла муҳоҷирони корӣ дар хориҷи кишвар аз тамоми имкониятҳо бояд босамар истифода карда шавад.

*www.president.tj*

# ҚАДРШИНОСӢ

**u ДУШАНБЕ. Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ ба истиқболи солагии Ғалаба бар фашизм ва поси хотири қурбониёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳамкорӣ бо намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар ташкилотҳои ибтидоӣ аксияи "Аёдат" баргузор намуда, дар тозаю озода гардонидани гирду атрофи оромгоҳҳо иқдом менамояд.**

Чунин як чорабинӣ бахшида ба иди Ғалаба рӯзи 4 майи соли ҷорӣ дар Кумитаи иҷроияи ҲХДТ - и ноҳия баргузор гардид. Раиси комиҷроия С. Асоев собиқадорони ҷангро бо иди Ғалаба табрик намуда, гуфт, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст. Роҳбарияти кишвар, Ҳукумати ҶТ нисбати иштирокчиёни ҶБВ ва ақибгоҳ пайваста ғамхорӣ менамояд.

Дар навбати худ собиқадорон хотираҳои сабақомӯзи худро бо шавқу завқи зиёд нақл карданд. Аз ҷумла Людмила Ковтун, А.Сафаров ва дигарон зикр карданд, ки дар ҳайати давлати шӯроҳо зиндагӣ карда, тоҷику арманӣ, белорусу украин, гурҷиву литвоӣ, русу тотор ва намояндагони даҳҳо халқу миллатҳои дигар аз як гиребон сар бароварда, зидди душман ҷангиданд, ки имсол 70 - умин солгарди онро таҷлил менамоем.

Дар фарҷоми чорабинӣ дар якҷоягӣ бо Шӯрои собиқадорони ҶБВ ва меҳнати ноҳия ва дастгирии ҶДММ "Лото - спорт" (роҳбараш И.С. Орагвелидзе) туҳфаҳо ва маводҳои ғизоӣ супурда шуд.

Инчунин дар рӯзи 9 май дар боғи фарҳангию истироҳатӣ дар якҷоягӣ бо сохторҳои фарҳангии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия бо иштироки санъаткорону ҳунармандон чорабинии идона баргузор мегардад.

Солҳо мегузаранд, вале корнамоиву ҷонфидоии падарону бобоёни мо дар ҷанги зидди фашизм (солҳои 1941-1945) ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Ҳаёти ибратомӯзи ҳамаи ҷанговарон барои мо - насли ҳозира, бахусус наврасону ҷавонон, дарси зиндагӣ ва сабақи нотакрори ҳаёти имрӯзу фардо аст.




# АЁДАТИ ИШТИРОКЧИЁНИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

**u ХУҶАНД.** Дар асоси дустуру супоришҳои Кумитаи иҷроияи Марказию вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва нақшаи алоҳидаи Кумиҷроияи шаҳри Хуҷанд бахшида ба 70-умин солгарди иди Ғалаба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватаниро, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, намояндагони ташкилотҳои ибтидоии Кумитаи иҷроияи шаҳрӣ хабар гирифтанд ва ба онҳо маводи ғизоӣ ва кӯмакпулиҳо расониданд. Дар ин кори хайр ташкилотҳои ибтидоии "Тоҷикстандарт", "Идораи нақлиёти вилояти Суғд", "Маркази саратоншиносии вилояти Суғд", "Маркази саломатии шаҳрии №4", "Ширкати Барс", "Агроинвестбонк", "Бозори Афросиёб", "Шабакаҳои барқи шаҳри Хуҷанд", "Беморхонаи чашм", "Хуҷандобуканал", "Корхонаи муштараки Ҷавонӣ", "Хуҷандатлас", "Иттифоқи матлуботи вилояти Суғд", "Беморхонаи клиникавии шаҳрии №1", "Маркази эндокринологӣ" ва вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд саҳм гузоштанд.

Имрӯз дар шаҳри Хуҷанд 22 нафар иштирокчии ҷанг ва як нафар оилаи бесаробонмонда зиндагӣ мекунанд.




# НАҚШИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ДАР ТАМАДДУНИ ҶАҲОН

**u САРБАНД.** Дар китобхонаи маркази шаҳр бахшида ба 700-солагии мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ конференсия таҳти унвони "Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар тамаддуни ҷаҳон" баргузор гардид. Дар он аъзои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ, мудири бахши бойгонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр М.Раҳматова, иҷрокунандаи вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи "Нури Сарбанд" Н.Ибодуллоева, мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Сарбанд Ф. Назарова, раисони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии "Фарҳанг", "Маориф", хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр, аъзои фаъоли китобхона, таълимгирандагони мактаби мусиқии бачагонаи шаҳр ва дигарон аз ҳаёту эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ қиссаҳо гуфта, шеърҳои ӯро қироат намуданд.

# ВОХӮРӢ БО ЗАНҲОИ ФАЪОЛ

**u ШАҲРИСТОН. Тибқи нақша-чорабинии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия бахшида ба эълон гардидани соли оила аз тарафи Раиси ҲХДТ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар толори ҷамоати деҳоти Шаҳристон вохӯрӣ бо занҳои фаъол баргузор шуд. Дар вохӯрӣ асосан масъалаҳои никоҳи бармаҳал, никоҳи хешуторӣ ва вайроншавии оила мавриди муҳокима қарор гирифт.**

# НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ АЗ НИГОҲИ ДИН ВА ТИБ

**u МАСТЧОҲ. Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз санаи 15 апрел то 15 майи соли равон бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон, таҳкими оиладорӣ ва иттилоотӣ дар доираи эълон гардидани Соли 2015 - Соли оила иқдоми "Бонувон дар сафи пеши созандагӣ" - ро ба нақша гирифтааст. Дар ин асос Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Мастчоҳ. Бахшида ба "Соли оила" нақша - чорабиниҳои худро тартиб дод.**



30-юми апрели соли 2015 дар толори маҷлисгоҳи Литсейи касбии саноатии кишоварзии ноҳия конференсияи илмӣ дар мавзӯи "Никоҳи хешутаборӣ аз нигоҳи тиб ва дин" баргузор гардид. Дар чорабинӣ муовини раиси ноҳия Мавлудахон Баҳриддинзода, сархатиби ноҳия Саидҳомид Ниёзов, сарвари маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим Раҷаб Ниёзов, намояндаи МИҲД-и ноҳия Мирзоолим Мирзораҳимов ва донишҷӯёни муассисаҳои таълимии ноҳия иштирок доштанд. Чорабиниро раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Дилшод Зокиров ифтитоҳ намуд. Сархатиби ноҳия Саидҳомид Ниёзов оид ба никоҳи хешутаборӣ аз диди Ислом баромад намуд. Сипас мутахассисони соҳаи тиб аз нуқтаи назари тиб оиди ин масъала ибрози андеша намуданд. Мирзоолим Мирзораҳимов зимни маърӯза ба масъалаи мазкур аз ҳаёт мисолҳо овард. Донишҷӯён ба суолҳои худ дар доираи мавзӯъ аз мутахассисон посухҳои мушаххас гирифтанд. Ҳамин тариқ чорабиниҳои кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар доираи "Соли оила " идома доранд.

# ЯРМАРКАИ ЧОЙҲОИ НАВИ КОРӢ

**u КОНИБОДОМ.** Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Конибодом ва КИ ҲХДТ ҷиҳати таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва, ба ин васила баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум пайваста ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озодро роҳандозӣ намуда, ба корфармоёну корҷӯён имкониятҳои васеи интихобро фароҳам месозад 30 апрел дар ярмаркаи навбатӣ масъулин ва субъектҳои хоҷагидорӣ беш аз 20 ташкилоту корхона 73 ҷойи кории холӣ ва вазифаҳои озодро ба корҷӯён пешниҳод карданд. Бак иттилои мудири шуъбаи кор бо ҷавонони КИ ҲХДТ Ф.Ҳоҷиев дар ярмаркаи навбатӣ корҷӯён ширкат варзида, аксари онҳо бо роҳхат ба ҷои кори писандидаашон таъмин ва қисмати дигари корҷӯён, ки ихтисос надоштанд, барои касбомузӣ ба Муассисаи мактаби калонсолон ҷалб карда шуданд.



"МХ"

# СУБОТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ КИҲОРО НОРОҲАТ КАРДААСТ?

**Чунин ба назар мерасад, ки интихоботи муваффақонаи президентӣ дар Ӯзбекистон ва дар пайи он дар Қазоқистон, ки бо пирӯзии Ислом Каримов ва Нурсултон Назарбоев раисони ҷумҳури кунунии ин кишварҳо анҷом ёфт, бори дигар боиси норохатии бархе аз нерӯҳо дар минтақа ва ҷаҳон шуд.**

**И**Н нерӯҳо аз тариқи созмон ва ниҳодҳои дастнишондоди кишварҳои ғарбӣ ҳамон гуна, ки пас аз интихоботи президентии соли 2013 дар Тоҷикистон ва ғалабаи софи Эмомалӣ Раҳмон аз шеваи баргузории ин маъракаи муҳим шиква карда ва аз рӯи одат натиҷаҳои орои мардумро зери савол мебурданд, ин бор низ аз тарзи баргузорӣ ва иштироки бонизоми шаҳрвандон дар ин кишварҳо нороҳат шуданд. Пас аз ин рӯйдодҳои сиёсӣ бе кадом далеле ба сари дастандаркорони комиссияҳои интихоботӣ, идораҳо ва масъулони давлат ва ҷомеаи шаҳрвандии Ӯзбекистон ва Қазоқистон ба он шевае, ки пас аз интихобот дар Тоҷикистон буд, сели таънаю маломатро равона карданд.

Чаро? Чунки ин маъракаҳои сиёсӣ на ба он тавре гузашт, ки онон мехоҳанд, балки ба тарзе анҷом шуд, ки бештари мардум, давлат ва ҷомеаи худи ин кишварҳо ҷонибдорӣ мекунанд.

Бо баргузории ин рӯйдодҳои дорои аҳамияти сиёсӣ ибтидо дар Тоҷикистони азизи мо фасли дигаре барои рушди собит шароити мусолиматомез эҷод шуд ва пас аз интихоботи ҳамсон дар Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар ин кишварҳо низ имкони ҷалбу ҷазби бештари нерӯҳои созанда ба иҷрои барномаҳои миллӣ фароҳам гардид.

Бар асоси омори расмӣ, фақат дар ин се кишвари Осиёи Марказӣ саршумори аҳолӣ ҳоло қариб ба 60 млн. нафар расида ва табиист, ки ҷустуҷӯ ва пайдо кардани воситаҳои муассири ҳифзи оромӣ, субот ва таҳияи тарҳҳои рушди ин кишварҳо аз аҳдофи асосии барномаҳои давлатӣ дар марҳалаи тозаи раҳбарии президентҳо аст. Аммо чунин як низом аз чизҳое аст, ки ба шиддат мухолифони дохилию хориҷии тавсеаи сиёсӣ ва иқтисодии минтақа чашм барои дидану гӯш барои шунидашро надоранд.




Барои ин нерӯҳо, ки бо ҳар баҳона, ҷою ноҷо ва бо иддаоҳои беасос сохту тарзи мудирияти раҳбаронро интиқод карда ҳосили ранҷи онон, пешрафтҳои ин кишварҳоро нодида мегиранд, муҳимтар аз ин ҳама роҳ ёфтану даст доштан ба дастгоҳҳои раҳбарӣ ва ба ҳар навъе сар халондану чаридани дороиҳои ин кишварҳо, ҳаққи соҳибият ба манбаъҳои саршор ва худододии минтақа аст.

Агар чунин намебуд, пас чаро ҳар коре, ки дар ин кишварҳо берун аз хости онҳо анҷом мегирад, боиси нороҳатиашон мешаваду дастгоҳҳои таблиғотии вобастаашон тӯтивор ба хондану интишори ҳамон "мавъиза"-ҳои обшуставу куҳна мепардозанд?

Инак пас аз интихобот дар Қазоқистон боз ба танқиди ин рӯйдоди ҳам барои кишвар ва ҳам барои минтақа муҳим пардохта ба ин васила мехоҳанд онро камранг ва беарзиш нишон диҳанд. Ин корро онон пас аз интихоботи президентӣ дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳам карда буданд (балки дар ҳар кишвари дигари ҷаҳон, ки бар хилофи хостаҳо ва тарҳҳои ҷаҳонгиронаи кишварҳои думраваки "миллати истисноӣ" рафтор мекунанд, низ чунин мекунанд).

Баҳонаҳояшон ҳамеша дар ҳамон як қолаб аст: агар интихобот бо иштироки чанд номзад баргузор шавад, агар ин номзадҳо қобили қабулашон набошанд, шарм надошта онҳоро бесалоҳият, бе ҷойгоҳи сиёсӣ, дар ҷомеа шинохтанашуда ва ғайраҳо мехонанд. Аммо дар сурати роҳ ёфтани номзадҳои таҳти назар ва зери фармоиши худ дар интихобот ва ноком шуданашон ба интихобот ҳатман барчаспи "ғайришаффоф", "таҳти фишори мақомоти давлат баргузоршуда"... мезананд.

*Ҳар кадом аз раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба хубӣ медонанд, ки бо вуҷуди баъзе ихтилофҳо кишварҳояшон ба сурати кулл ҳалқаҳои як занҷир дар роҳи ҳимоят аз суботу оромӣ ва эҷоди заминаи тавсеаю пешрафти ин минтақа низ мебошанд.*

Ба шарҳи зиёде дар ин маврид зарурат нест, шумо худ ба мақола, гузориш ва ба истилоҳ, "таҳлил"-ҳои гарми "коршиносон" дар бораи интихоботи Қазоқистон мурур кунед ва андаке эътибор диҳед ва хоҳед дид, ки то чи андоза ин мавод ба он чӣ дар бораи интихоботи дар кишварҳои дигари минтақа баргузоршуда ба нашр расидаву мунташир шудаанд, ҳаммазмун, ҳамранг ва ҳаммаъно ҳастанд.

Дар ҳеҷ кадоме аз ин матолиб ҳатто сатре дар мавриди корҳои мусбат ва хуби анҷомшуда дар даврони раҳбарии Э. Раҳмон, И. Каримов ва Н. Назарбоев нест, балки ҳатман таъкидҳои пай дар пай аз боби чанд давра дар қудрат будани онон, солхӯрда ва ҳатто бемор будани баъзеашон, боло рафтани маҳалгароӣ, низомҳои худкона... ва саду як тамғаи дигар ҳаст. Даҳ соли пеш ҳам ин буд ва имрӯз ҳам бадгӯиҳо дар ин қолиб идома доранд.

Мақсад аз ин хурдагириҳо чист, пай мебаред? - Дастнишондаҳои мо ва дастҳои мо бояд ин ҷо бошанд. Абдулло Абдулло чаро дар Афғонистон нагузашт? Чунки одами онон набуд, вале натиҷаҳои интихобот бо ҳама тақаллубҳояш пас аз саҳнасозиҳо қабул шуд. Дар Украина бо қонуншиканию ба таври ошкор зери по кардани тавофуқи тарафҳо президенти қонуниро аз қудрат дур карданд ва зери мили силоҳ ва дурбини нишонгирҳо ба ном интихобот баргузор намуда афроди парвардаи худро оварда ба қудрат шинонданд, ин ҳам қабул шуд. Аз боби нақзи ҳуқуқи башар ва сарфи назар шудани ҳаққи миллионҳо муҳоҷири украинии маҳрум аз интихобот гапе нагуфтанд, чаро ки ин дар барномаҳояшон набуду нест, балки ба нафъашон нест.

Аз ин хусус, ки барои расидан ба ҳадафҳои таҷовузкоронаи худ хоки Украинаи ором ва осударо зери оташи тӯпу хумпора ва мушакандозҳо қарор доданд низ ҳарфе намезананд. Ҳоло дигар қудрат дар дасташон асту манбаъҳои даромади ин кишвар низ дар ихтиёрашон.

Фақат оромии мардум ва қонуниятро аз байн бурдаанд, ки ин дигар барояшон чандон муҳим набуду нест. Барояшон ин нукта низ аҳамият надорад, ки назм ва суботи мардум дар ин кишвар аз байн рафтаасту саду як мушкил ва пеш аз ҳама дар бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бар сари ҷомеа бор шудааст…

Вале ин ки президентҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо вуҷуди мушкилоти зиёд ва фишорҳои сангини сиёсию иқтисодӣ ҳамзамон бо ҳифз кардани субот ба сахтӣ заминаро барои пешрафти кишварҳои худ фароҳам кардаву мекунанд, чизе намегӯянд ва агар боз ҳам фурсат ёфтанд ин ҳама кӯшиш ва талошҳоро зери мавҷу тӯфони танқид қарор медиҳанд.

Дар беш аз ду даҳсолаи гузашта ва пас аз истиқлол он чӣ дар кишварҳои минтақаамон ҳифз шуд, пайвандиҳо ва робитаҳо буд. Ҳамон чизе ки мухолифони сарсахти ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ намехостанду намехоҳанд. Онон ба хубӣ дарк кардаанд, ки дар ҳолати ҳамбастагии ин кишварҳо ворид шудан бо барномаҳои ифротию таҷзиягарона ба ин қаламрав мушкил аст. Ба ин далел буда, ки аз ҳар гуна ҳаракатҳои тахрибкорӣ ва ҷудоихоҳӣ, низоъҳои қавмию марзӣ, таассубҳои мазҳабӣ дар ин кишварҳо сарсахтона ҳимоят мекунанд ба ин умед, ки рӯзе бо истифода аз ин нерӯҳо ҷойгоҳашон дар минтақа тақвият мешавад.

Аммо сарфи назар аз талошҳои бегонагон эътимод байни сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дубора дар ҳоли тақвият мебошад. Ҳар кадоме аз раҳбарони кишварҳои минтақа пас аз пирӯзии такрориашон аввалтар аз ҳама якдигарро табрик карданд. Бо ворид шудан ба марҳалаи тозаи раҳбарӣ иқдомҳои муассир ҷиҳати рафъи мушкил ва сабабҳои нофаҳмиҳо дар муносибатҳои ду ва чандҷониба анҷом доданд.

Ҳар кадом аз раҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ба хубӣ медонанд, ки бо вуҷуди баъзе ихтилофҳо кишварҳояшон ба сурати кулл ҳалқаҳои як занҷир дар роҳи ҳимоят аз суботу оромӣ ва эҷоди заминаи тавсеаю пешрафти ин минтақа низ мебошанд.

Берӯйӣ ва худхоҳиҳои кишварҳои қулдуртабиатро дида, филмҳои хориҷии дар даврони бачагӣ дидаам ба ёд мерасад. Сужаи баъзе аз онон чунин буд, ки дастаҳои ғоратгари ковбойӣ ба ин ё он шаҳрак ва маҳали осоишта ҳуҷум мекарданд ва ҳамаро ба ҳам зада пас аз қатлу ғорат ҳукумати худро бо шароиту хостаҳояшон ба сари мардуми маҳаллӣ бор мекарданд. Аммо дар пайи муқовимати мардум пас аз муддате шикаст мехӯрданд ва бо шармандагӣ мегурехтанд.

Мутаассифона, дар саҳнаи сиёсии таҷовузкорони замони муосир дигар аспу ароба ва туфангу халтаҳои борут нест ва ин ҳама ба силоҳ ва таҷҳизоти сангини навсохту пешрафтаи муосир иваз шуда ва ҳадафҳояшон низ фаротар аз ғасбу ғорати ин ё он қаламрав аст.

**Солеҳ ЮСУФОВ**



**Даҳсолаҳо сипарӣ мешаванд, аммо аҳамияти таърихии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз хотири мардуми азияткашидаи ҷаҳон дур намеравад.**

# РОДМАРДИ МЕҲАН

**БАРОТОВ** Муҳиддин аз зумраи абармардони миллат буд, ки сина сипар намуда, барои муҳофизати Ватан рафт. Ӯ зодаи деҳаи Ғончӣ соли 1940 мактаби 7- соларо хатм намуда ва моҳи сентябри ҳамон сол ба омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) дохил шуда, дар он ҷо то моҳи июни соли 1942 таҳсил намуда, тобистон бошад, дар колхоз кор мекард.

Дар сафи Артиши Шӯравӣ, аз ҷумла дар фронт аз моҳи сентябри соли 1942 то моҳи апрели соли 1945 яъне то маҷрӯҳ гаштан хизмати Ватанро содиқона иҷро кардааст. Дар фронтҳои Ғарбӣ ва фронти 3-юми Белоруссия дар вазифаи командири қисми тирандозӣ иштирок намуда, ду маротиба захмӣ шудааст. Дар ҷабҳаҳои ҷанг барои озод кардани шаҳрҳои Кҷёв, Сафонова, Ҷиздра, Яртсево, Смоленск, Орша, Витебск, Бариково ва Минск иштирок намудааст. Барои хизматҳои ҷангиаш бо мукофотҳои давлатӣ бо ду ордени "Ситораи Сурх" ва ордени Ҷанги Бузурги Ватанӣ (дараҷаи якум) сарфароз гардидааст.

Муҳиддин Баротов дар ҳайати Фронти Ғарбӣ, дар дивизияи 82 тирандозӣ, полки 210 тирандозӣ, пас аз хатми курси кӯтоҳмуддати командирони қисми назди Артиши 31 дар ҳайати 376-умин полки тирандозии дивизияи 220-уми назди шаҳрҳои Орша ва Витебск ҷасурона ҷангид.

Пас аз ғалаба фармони вазири мудофиаи ИҶШС содир шуд ва дар он гуфта мешуд, ки афсарони маҷрӯҳгаштаи фронт, агар ихтисоси агрономӣ, байторӣ ва инчунин муаллим бошанд, демобилизатсия карда шаванд. Дар асоси ҳамин фармон Муҳиддин Баротов моҳи апрели соли 1945 ба зодгоҳаш-деҳаи Ғончӣ баргашт, ки он вақт маркази ноҳияи навташкил буд.

Муҳиддин Баротовро бо тавсияи раиси онвақтаи ҳукумати ноҳия Ҷӯра Расулов ба вазифаи мудири ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъин карданд. Аз сентябри соли 1945 то сентябри соли 1946 вазифаи мудири дастгоҳи ҳукумати ноҳияро бар уҳда дошт. Баъдан мудири "Амонатбонк"-и ноҳияи Ғончӣ таъин шуда, то сентябри соли 1948 кор кард.

Бо фармони шуъбаи маорифи ноҳияи Ӯротеппа октябри соли 1948 аз рӯйи ихтисоси худ ба вазифаи муаллими мактаби миёнаи рақами 1-и деҳаи Ғончӣ фаъолият бурд. Баъдан дар ҳамин мактаб ба сифати мудири қисми илмӣ ва аз соли 1961 мудири мактаб, солҳои 1961-1963 ба ҳайси мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ғончӣ буд. Аз соли 1971 то ба нафақа бароmaданаш, яъне то соли 1986 сарварии мактаби миёнаи №1 ноҳияро ба дӯш дошт.

Аз моҳи октябри соли 1987 то октябри соли 1992 ба вазифаи раиси ҷамъияти ихтиёрии оташхомӯшкунии ноҳияи Ғончӣ кор карда, то моҳи феврали соли 1996 чун ҷонишини раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳия ва аз моҳи июни соли 1996 то соли 2009 дар ҳайси раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ноҳия фаъолият дошт.

Ӯро тамоми мардуми ноҳия хуб мешиносанд ва ҳурмат мекунанд. Вай бо ҷасорату матонат дар фронтҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва бо ғайрату ҳиммат дар кори маориф номвар шудааст.

Дар оиладорӣ ҳам Муҳиддин Баротов намунаи ибрат аст. Ҳамаи 7 фарзанди ин мард соҳиби маълумоти олӣ мебошанд. Аз онҳо 5 нафарашон касби пуршарафи омӯзгориро пеша намуда, анъанаҳои хуби волидайни худро идома медиҳанд.

Ӯ имрӯз аз он мефахрад, ки Худованд вайро ба рӯзи таҷлили 70- солагии Ғалаба расонидааст. Афсӯс, ки бисёре аз рафиқони содиқи ӯ, ки мислаш баҳри ҳифзи Ватан-Модар сина сипар карда буданд, имрӯз дар саф нестанд. Ва шумораи имрӯзаи рафиқонаш низ кам шудааст.

Итминони комил дорад, ки дар авроқи таърихи миллат корнамоиҳои абармардони майдони ҷангу зафар бо ҳарфҳои заррин сабт мешавад ва насли оянда аз эшон фахр мекунанд.

**Шавкат ШАРОФОВ,**
*доктори илмҳои педагогӣ,*
*профессори ДДХ ба номи*
*академик Б. Ғафуров*

# САРБОЗИ ДУ ҶАБҲА

**Марде бо тавозуъ ва нармӣ вориди утоқи кори мо шуда баъд аз салому алайк ва ҳолпурсӣ арзи мақсад кард. Пас аз дақиқае мо бо меҳмони идора, Абдулмавлон Абдуллоев чун шиносҳои дерин суҳбат мекардем, ки ин сабаб дошт.**

**АБДУЛМАВЛОН** фарзанди иштирокчии ҶБВ, собиқ вазири кишоварзии Тоҷикистон ва дар гузашта яке аз шахсиятҳои обрӯманди ин сарзамин Абдураҳмон Аминович Абдуллоев буд.



Он замонҳо ба уезди Туркистон дохил мешуд, ба дунё омада, пас аз хатми мактаби ибтидоӣ ва курсҳои омӯзишӣ дар Донишкадаи муҳандиси об ва механизатсияи Тошканд таҳсилро давом дод.

Аз соли 1940 ба хидмати Артиши Сурх даъват шуда аввал дар дивизияи 11 -уми танкии ҳавзаи ҳарбии Одесса, ки дар хоки Молдавия қарор дошт, ба хидмат оғоз карда ва пас аз ҳамлаи қувваҳои Олмони фашистӣ ба қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳайати Артиши Сурх дар Кубан, Қрим, баъдтар дар чабҳаи ҷанг дар хоки Белорусия, Лаҳистон ва Олмон иштирок кард.

Бо поён ёфтани ҷанг аз ҷабҳа ба Тоҷикистон баргашта дар соҳаи кишоварзӣ дар вазифаҳои гуногун машғули кор шуд. Баъдан тайи солҳои 1951 - 73 вазири кишоварзӣ ва маҳсулоттайёркунӣ, раиси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии "Тоҷикселхозтехника" буд.

Номбурда аз соли 1951 то дами вафот и (январи



соли 1975) Вакили Шӯрои Олии Тоҷикистон низ буд. Аммо дар ҳар куҷое, ки кор кард ба унвони як сарбоз дар иҷрои вазифаҳояш содиқу устувор монд.

Ордену медалҳо ва Ифтихорномаҳои бисёре, ки мавсуф барои хидматҳои шоиста қадр шудааст, гувоҳи хидмат ва кори содиқонаи ин марди шариф барои рушди кишвар мебошад.

Академик Бобоҷон Ғафуров, ки замоне раҳбари аввали Тоҷикистон буду Абдуллоевро ба унвони як муттахассиси шоиста мешинохт рӯзи маргаш дар номаи тасаллият аз хидматҳои марҳум ёдовар шуда, нақши ӯро дар пешрафти соҳаи кишоварзӣ бузург номидааст.

Абдулмавлон қайд кард, ки пас аз чандин сол вақте донишгоҳро хатм кард, барои хидмати афсарӣ ба нерӯҳои Артиши Шӯравии мустақар дар хоки Олмон, иттифоқан дар ҳамон қисми ҳарбие сафарбар шуд, ки замоне падараш низ дар он ҷо хизмат мекард.

Вай бо ифтихор мегӯяд, ки аз даврони хидмат дар Олмон хотираҳои нек дорад ва нахустин фарзандашон Наргис ҳам дар он кишвар ва замони хидмати афсариаш ба дунё омада ва аз он даврон ба ёдгор мондааст.

Аз ҳамсуҳбатам , ки худ ҳоло 65 сол дорад мепурсам, ки аз хислатҳои падар боз чиро дар ёд дорад? Ӯ табассуми гарме мекунад ва мегӯяд: - Мо, мисли ҳамаи бачаҳо, фарзандони шӯху беқарор будем, вале ҳеҷ гоҳе падар моро назада ва ҳатто сухани сахте нагуфтааст. Вақте калон шудему худ оила барпо кардем баъд фаҳмидам, ки падару модари мо дар тарбияти фарзанд чи қадар устувор ва хештандор будаанд, ки он ҳама шӯхиҳои бачагонаи моро бардошта ва асабонӣ намешуданд.

Вай зиндагии содда ва оддӣ доштани хонаводаашонро низ аз дигар хотираҳои даврони бачагии худ донист ва гуфт, ки падарам ҳеҷ гоҳ ҳаваси зиндагии бокаруфар ва фарқкунанда аз дигаронро надошт.

Ӯ таъкид кард: - Мо, 9 нафар дар манзиле, ки 3 хона дошт мезистем. Яке аз хонаҳо аз мо, писарон буд. Азбаски барои гузоштани кат ба ҳама ҷой намерасид, модарамон ҷойгаҳи мо, чаҳор писарро рӯи фарш мепартофт ва мо шабҳо қаторак хоб мерафтем.

Маълум шуд, ки пайвандони ин марди бо ҳолномаи воқеан таърихӣ имсол дар рӯзи 9 май ҳамзамон бо рӯзи Ғалаба 100 - солагии падари бузургворашонро ҷашн мегиранд.

Абдулмавлон мегӯяд: -Дар даврони барҳаёт будани падар ҷашни Ғалаба ва ҳамзамон зодрӯзи падар дар хонаводаи мо одат буд ва ин анъанаро мо, фарзандон имрӯз ҳам то ҷое, ки имкон дорад, идома медиҳем.

Ба гуфтаи ӯ, дар ин хонавода 6 нафар, 4 писар ва 2 духтар ба воя расидаанд, ки ҳар кадом ифтихори Абдураҳмон -амак ва модарашон Манаднисо будандӯ ҳастанд.

Гарчанде ҳамаи фарзандони аҳли ин байт ҳар яке мустақил ва аз пайи рӯзгори худ шудаанд, бо ин вуҷуд дар ин рӯзи муборак ба хотири шод кардани рӯҳи падар якҷо ҷамъ меоянд ва ё ҳадди ақал бо телефон якдигарро табрик мегӯянд.

Ҳамсуҳбати мо ёдоварӣ мекунад, ки падарашон моҳи майи соли 1915 дар Хуҷанд, ки

Бо вуҷуди ин на падар ва на модар боре шикояти танг будани манзилро намекарданд. Гарчанде падарамон он солҳо имкону тавони ба ҷои дигар кӯчидан ва васеътар кардани манзили худро дошт аммо ин корро накард. Мо дар ҳамин гуна шароит калон шудем. Манзили мо дар хиёбони Рӯдакӣ байни бинои асосии "Ориёнбонк" ва Кохи ваҳдат воқеъ буд ва ҳоло ҳам ҳар гоҳе аз ин ҷо мегузарам, падар, модар ва даврони бачагиҳоям ба ёд меояд.

Абдулмавлон мегӯяд: - Аз падарам чизи дигаре ёдоварӣ мекунад ин аст, ки бо Қарори раиси шаҳри Душанбе аз соли 1995 маҳаллае дар пойтахт ба исмаш номгузорӣ шуда, дар девори собиқ Вазорати кишоварзӣ (вазорати адлияи имрӯза) аз санги мармар лавҳаи ёдбуд насб шудааст.

Ӯ аз як бастаи варамидаи ҳуҷҷат ва санадҳои таърихӣ варақҳои зард ва наҳифро боэҳтиёт мебарорад ва мегӯяд: - Ин ҳама саҳифаҳое аз рӯзгори падари мост, ки монанд ба зиндагии ҳазорон ҳамватанонамон буд.

Зиндагии шахсоне, ки лоиқи ёдоварӣ мебошанд ва пос доштани хотираҳояшон қарзи мо бозмондагон аст.

**Ю. СОЛЕҲ**

Минбари халқ
6 майи соли 2015,
№19 (998)

# ЗАХМ

**Шаб борон меборид. Аммо ӯ бедор буд. Худ ба худ гап мезад.Пеши назараш лаҳзаҳои ҷанг намудор шуд. Касе гаваккашон ба танк наздик шуд. Снарядҳо дар пешаш метарканд. Тирҳо аз пешу бараш шуввасзанон мегузаранд. Рафиқаш дар болои дастонаш ҷон медиҳад. Замин дар оташи тиру танк гӯё месӯзад. Осмонро дуди сиёҳ фаро мегирад. Ё тавба, чӣ даҳшате…! Бо панҷаҳои камхунаш рӯяшро пӯшонда, гирист, то ки набераҳои ятиммондааш аз хоб бедор нашаванд.**



Қиссае аз рӯзгори ветерани ҷангу меҳнат, маҷрӯҳи гурӯҳи якум Кугани Шариф, ки 10 сол аз захмҳои душман дар бистари беморӣ азият кашид.

Гӯё аз дарду ғами ӯ осмон огоҳ аст. Борон меборад. Таърих бисёр одамонро медонад, ки дар солҳои мубориза барои ҳаёти нав дар сарзамини собиқ вилояти Кӯлоб, дар шароити душвор ба ҳокимияти Шӯравӣ ва халқи меҳнаткаш содиқ будани худро исбот намуда мардонагӣ ва садоқатмандӣ нишон додаанд.

Кугани Шариф аз ҳамин қабил одамон буд. Ӯ 23 сол дошт, ки дар деҳаи Пушинги собиқ ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб ҳокимияти шӯравӣ барпо шуд.

Соли 1923 Қурбон Мирзоёров, Аҷик Сафаров ва Кугани Шариф намояндагони ҳокимияти наваскарони сурхро пешвоз гирифтанд. Соли 1929 дар деҳаи Пушинг хоҷагии коллективӣ (колхоз) ташкил шуда, Куган узви он мешавад. Ҳамроҳи ҳамдеҳагонаш Одинаи Ашӯр, Абдулазизи Боймат, Хӯҷаи Мурод, Ҳасани Муъмин, Туроқули Партов, Қаландари Дамин, Талбаки Гул замин меронд, ғалла мекошт ва медаравид. Куган дар ободии деҳааш саҳми босазо гузошт. Хабари ҷанг шодию фараҳро барҳам зад. Чӣ балои ногаҳонӣ буд бар сари халқ. Модарон ашкрезон ҷигарбандонашонро ба ҷанг гусел карданд. Зарди Холмирзо, Гули Шариф, Шарифи Пир, Тавари Раҳмон, Саъдуллои Абдулло, Зубайдуллои Мурод, Мукшии Набӣ, Мирзоалии Олим, Ҳоҷӣ Абдӣ дар катори онҳо бародари Куган, Тӯраи Шариф соли 1941 аз ин деҳа ба дифои ватан рафтанд. Соли 1942 Кугани Шариф бо рафиқонаш Ғуфрон ва Барот низ ба ҷанг рафта, дар озод кардани Украина ва Белорусия иштирок карданд. Ӯ ваҳшонияти фашистонро дар пойтахти Полша- Варшава дид. Варшаваро душманон тамоман хароб карда буданд.

Моҳи апрели соли 1945 барои гирифтани баландиҳои Зеел ҷангҳои сахт мерафт. Душман намехост, ки баландиро ба осонӣ диҳад. Зеро дар қафои он Берлин буд. Бисёр ҷанговарон, аз ҷумла дӯстони наздики Куган Николай ва Усмонхоҷаи Эмон дар ин муҳориба ҳалок гардиданд.

Вақте ки сарбозони мо баландиҳои Зеелро ишғол мекарданд, снаряд дар пеши Куган таркид ва ӯро аз пой афтонд. Куганро дар беморхонаи Варшава 4 моҳ табобат карданд. Рӯзи ғалабаро дар беморхона пешвоз гирифт. Ҳама хурсанд буданд. Беморон якдигарро ба оғӯш гирифта аз шодӣ мегиристанд. Куган соли 1946 бо сари баланд ба диёри худ баргашт. Ҷанг доғи худро ба ҳар як хонадони деҳа гузошта буд. Аз 113 нафаре, ки барои мудофиаи ватан рафта буданд, фақат 42 нафар баргаштанд.

Ӯ ба кори деҳқонӣ камар баст. Нонашро ҳалол карда мехӯрд. Аввалин узви колхоз бо меҳнати ҳалолу рӯйи сурх аммо бо пули ночиз ба нафақа баромад. Нафақа хӯр шуду захмҳо ва доғи ҷанг бас набуд, ки боз дилаш захмӣ шуд: фарзандаш Давлат даргузашт. 4 фарзанди навболашро ба падари маъюбаш гузошт. Чӣ даҳшатест, ки падар марги писарашро бинад. Захми ҷангу алами фарзандаш ӯро бистарӣ кард. Ман ба аёдаташ мерафтам. Бо гурӯҳи хонандагон ба наздаш мерафтем. Ӯ ба асояш такякунон моро пешвоз мегирифт ва қиссаҳо аз ҳаёти гузаштааш мекард. 10 соли охири умр аз кулбааш дигар пешвози касе намебаромад. Бо ишораҳои даст канда-канда сухан мегуфт. Шукрона мекард, ки ягона писараш Маҳмурод ӯро нигаҳбон аст. Ба панҷаҳои ларзонаш менигаристам. Замоне бо ин панҷаҳо, барои ободии ин хоҷагии навбунёд талошҳо карда ва бо ин панҷаҳо яроқ ба даст гирифта, бар зидди душманони хунхор ҷангид. Ба панҷаҳои ларзонаш захмҳои баданашро нишон дода мегуфт: "Шумо ҷавонон рӯзҳои сахтро, ки мо дидем, ҳаргиз набинед" Аз хонааш мебароям. Ба боми хокпӯши хонааш менигарам ва беихтиёр худ ба худ мегӯям: "Аз ин боронҳои пай дар пай шояд кулбаи фақиронааш чакад" Аммо ӯ даъвое надошт. Дигар намехост барояш хонае созанд ва ё бомашро таъмир намоянд. Аз тинҷию оромӣ шукрона мекард.

Аз грамотаву медалҳо ва мукофотҳои ҷангию меҳнатии Кугани Шариф сухан намегӯям. Зеро захмҳои баданаш гувоҳи он солҳо ва нишонае аз ҷасорату мардонагӣ буданд.

Корнамоиҳои бобоёну падаронро бояд насли имруз фаромӯш накунанд. Ба қадри кишвари обод ва озоду соҳибистиқлол расанд.

**Т. РАҲМОНҚУЛ,** *н.Данғара*

**Барои ғалаба алайҳи фашизми гитлерӣ тоҷикон низ саҳми босазои худро гузоштаанд. Абдуғаффор Холиқов яке ҳазорон ҷавонони ғаюри тоҷик буда, дар полки 298 тирандозии дивизияи 186 фронти 2-юми Украина бо роҳбарии генерали армия ду карат Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Батов хидмати шоиста кардааст. Марде буданд қоматбаланд, хушсухан, пеши барашонро ордену медалҳои зиёди ҷангӣ оро медоданд…**

# ҶАСОРАТИ ТОҶИКИСАР АБДУҒАФФОР ХОЛИҚОВ

**НЕРӮҲОИ** Шӯравӣ барои убури дарёи Днепр сахт омодагӣ медиданд. Немисҳо хатҳои мудофиавии соҳилро чунон мустаҳкам карда буданд, ки бомбаборонкуниҳо чандон натиҷаи дилхоҳ намедоданд. Дар ин сурат ҳуҷуми артиш барои убури дарёи бузург қурбонии зиёде меовард. Аз ин рӯ, ситод дар бораи ин садди ғайримуқаррарӣ маълумоти дақиқ пайдо кардан супориш дод, ки "забон" ба даст оваранд. Яъне гуруҳи разведка бояд аз дарё гузашта, нафареро дастгир карда, зинда ба ин ҷониби соҳил расонад. Ин супориш ба дӯши взводи разведкае гузошта шуд, ки дар он сарбози тоҷик Абдуғаффор Холиқов низ хидмат мекард.

Шаб дар ҳайати гурӯҳи панҷнафараи разведкачиён Абдуғаффор Холиқов таҳти роҳбарии муовини командири взвод Куденко Александр Спиридоновичи украин, ҷавони молдовӣ Китик Гавриил Степанович ва ҷавонони русу қазоқ аз дарёи пуртуғёни Днепр гузаштанд. На ҳар аскари фашист барои "забон" мувофиқ буд. Касе лозим, ки маҳз дар бораи хатҳои мудофиавии навсохта маълумоти дақиқ дошта бошад. А.Куденко, сокини шаҳри Харков буда, ҳар як қитъаи ватани худро хуб медонист. Бинобар ин бе душворӣ хеле дарун рафта, ба ситоди фашистон наздик шуданд. Вале нохост ба оташфишонии шадиди душман дучор шуданд. Чанд нафар захми сабук бардоштанд, вале захми роҳбалад Александр Куденко вазнин буда, ӯ аз ҳуш рафт.

Вазъият мураккабтар шуд.Тамоми минтақаро фашистон сахт назорат менамуданд. Вале аъзои гуруҳ тарсе дар дил надоштанд. Ҳамроҳон А.Куденкоро ба ҷойи нисбатан бехавф байни бешазор бурда, байни буттаҳо пинҳон карданд, барои худ нишонаи мувофиқ гузоштанд ва дубора ҷониби ситоди душман рафтанд. Аз торикии шаб ва ҳуҷуми барқвор истифода бурда, як фашистро, ки дар даст ҷузвдон дошт, дастгир намуданд. Сипас ба оташфишонии душман нигоҳ накарда, барои бозгашт саросема нашуданд ва ҷое рафтанд, ки ҳамроҳи худро пинҳон карда буданд. Паноҳгоҳро ёфтанд, аммо ӯ дар ҷояш набуд. Ҳарчанд ки ҳама ҷоро кофтанд, пайдо карда натавонистанд.

Тирпарронии душман бештар гашт, вақти ба гурӯҳи разведкачиён ҷудошуда низ хотима меёфт.- Бинобар ин, бо андӯҳи калон бешазорро тарк намуда, "забон"-ро ба соҳили дигар гузаронданд.

Дар ситоди шӯравӣ ба онҳо рухсат доданд, ки соате дам гиранд. Ҳисоботи онҳоро шунида, албатта, барои дар вазъи номуайян гузоштани сарбози ҳамроқашон андак коҳиш ҳам карданд. Вале "забон"-и овардаи онҳо қимати гарон дошт. Ӯ муҳандиси немис оид ба хандақҳои бетонӣ будааст, ки бори аввал фашистон аз он истифода кардаанд. Тибқи маълумоти додаи вай артиллерияи вазнин истифода шуд ва садди сохтаи фашистон дар соҳили дарёи Днепр шикаст. Сипас нерӯи пиёдагард ба ҳуҷум гузашт. Абдуғаффор Холиқов низ дар даст автомат, яке аз аввалинҳо шуда, дарёи Днепрро гузашт, граната ҳаво дода, оташкушоии фашистонро хомӯш намуд ва дар соҳил мавқеъ гирифт. Душман садди шикастнопазири Днепрро партофта, шитобон фирор намуд.

Барои ин ҷасорат бо пешниҳоди генерал Батов ба Абдуғаффор Холиқов ордени "Шараф" доданд. Ӯ боз чандин маротиба супоришҳои муҳими ватанро иҷро карда, барои ғалаба саҳми босазои худро гузошт, борҳо дар гирдбоди оташини ҷанг захмҳо бардошт. Вале пас аз муолиҷа дубора ба ҷабҳа мерафт. Бо орденҳои боэътибори он замон "Ситораи Сурх", "Барои ҷасорат" ва ғайра мукофотонида шуд.

Пас аз пирӯзӣ Абдуғаффор Холиқов ба ноҳияи Вахш ба назди волидон баргашт. Дар идомаи азхуд кардани заминҳои бекорхобидаи водии Вахш хидмат кард. Вале дар ин муддат пайваста аз сарнавишти Адександр Куденко андеша мекард. Захмҳои ҷангӣ пас аз ду даҳсола тани ҷанговари собиқи тоҷикро ба дард меовард ва барои муолиҷа ба Кисловодск роҳхат доданд. Баробари аз дарвозаи шифогоҳ даромадан нафаре номи ӯро гирифта фарёд зад. Ба қафо нигариста, се мардро дид, ки суҳбат доштанд. Гумон кард, ки ба назараш чунин намуд. Вале пас аз сонияе ҳамон овоз лақаби фронтии ӯро ном гирифта муроҷиат намуд. Танҳо разведкачиён бо эҳтиром чунин муроҷиат мекарданд. Ҷониби он се нафар рафт ва ҳамроқи деринаашро шинохта бо тааҷҷуб гуфт: "Александр, ту зиндаӣ!?"

Дидори дӯстони дерин хеле шодиовар буд. Александр Куденко миннатдории худро ба ӯ расонда, ҳикоят кард, ки ҳамроҳон ҳамон шаб бо меҳри баланди инсонӣ барои наҷоти ӯ ҳама кори имконпазирро карданд. Ӯ пас аз рафтани гурӯҳи разведка аз сардӣ ва бӯи хуши буттаҳои ҷангал андак ба ҳуш омад. Дар атроф садои немисҳоро шунида хавотир шуд. Агар ӯро дастгир кунанд, ба аъзои дигари гуруҳ ҳам хатар таҳдид менамуд. Тамоми қувваашро ҷамъ карда, хазида худро ба ҷое расонд, ки фашистон аз ворид шудан ба ин гӯшаи ҷангал метарсиданд.

Баъди убури Днепр, гуруҳи махсус ӯро пайдо мекунад, вале мурда пиндошта, бардошта ба масофаи дур ба назди қабри навканда мебаранд. Александр вазъиятро мефаҳмид, аммо аз беҳушӣ қуввати гап задану ақаллан ҳаракате карданро надошт. Санитарҳо дам гирифта, сигор мечоканд. Оташи сигор ба рӯи Александр меафтад, ки мушаки рӯяш ба ҳаракат медарояд. Танҳо ин вақт зинда буданашро фаҳмида ба ӯ ёрии тиббӣ мерасонанд…

Ҳикояти дӯстони ҷангӣ дар бораи дӯстӣ ва қадри инсон буд. Ин дӯстии ҷанговарони собиқ давом ёфта, ба дӯстии аҳли хонавода мубаддал шуд. Зеро ки ҷавҳари он дар оташи ҷанг обутоб ёфта буд. Ҳарду як фикр доштанд: пирӯзии мо маҳз ба туфайли ягонагӣ, иттиҳоди қавӣ ва дӯстии халқҳои шӯравӣ муяссар гардид.

**Мунира ҚУДДУСОВА,**
*муаллимаи мактаби №8,*
*шаҳри Душанбе*



# БАРОЯМ ИН РӮЗИ МУБОРАК АСТ



**Нақши таърихии Ғалабаи Бузург ин аст, ки дар натиҷаи он бисёри мардумони Аврупову Осиё аз ҷанги фашизми олмониву милитаризми ҷопонӣ раҳо ёфтанд. Оид ба ҳаҷми фоҷиаи ба сари инсоният омада метавон такя бо чунин рақамҳо баҳо дод: агар дар тамоми қарни 17 дар натиҷаи ҷангҳо дар сайёра 3 миллион одам кушта шуда бошад, пас дар қарни 18 ин шумора 3,5 миллион, қарни 19- 16 миллионро ташкил дода, танҳо дар Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ зиёда аз 25 миллион аҳолии сайёра ба ҳалокат расидаанд. Дар ин ҷанг зиёда аз 70 кишвари дунё ва 110 миллион сарбози мусаллаҳ (!!!) иштирок доштанд. Иттиҳоди Шӯравӣ дар хатти пеши мубориза алайҳи фашизм қарор дошта, саҳми бузургтаринро дар саркӯб кардани душмани тавоно гузоштааст.**

Дар торумори душмани ғаддор саҳми ҷанговарони тоҷикистонӣ низ назаррас аст. Ҳамагӣ аз ҷумҳурии мо 269 ҳазор мардони диловар ба корзори ҷанг рафта, 90 ҳазори онҳо дар муҳорибаҳои шадид ҷони азизи худро аз даст додаанд. 54 нафар ҳамдиёри мо ба гирифтани унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардида,17 нафар дорандаи се дараҷаи ордени "Шӯҳрат", ҳамагӣ бошад, 50 ҳазор ҳамватанонамон соҳиби ордену медалҳо барои хидматҳои ҷангӣ шудаанд. Дар солҳои ҷанг 45 ҳазор тоҷикистонӣ дар ақибгоҳ- корхонаҳои ҳарбии Уралу Сибир кор карда, саҳми намоёни худро барои таъминоти ҷабҳа гузоштаанд.

Бо даъвати Ҳизби коммунист солҳои ҷанг 3 котиби вилоят, 30 котиби ноҳиявию шаҳрӣ ва 77541 коммунисти қаторӣ ба ҷабҳа раҳсипор шуданд. Ҷумҳурӣ 30 корхонаи кӯчонидашударо қабул намуд, ки назди мошинолоти он дар қатори мутахассисон занону кӯдакон ва мӯйсафедон шабурӯз меҳнат мекарданд, то ин ки ҷабҳаро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин намоянд. Дар ин вазъи душвор сафи онҳое меафзуд, ки хоҳиши ёрӣ расондан ба ҷабҳаро дар ниҳодашон доштанд. Масалан, раиси колхози Сталини ноҳияи Муъминобод Бозор Бухориев ва раиси колхози ба номи Будённии ноҳияи Шӯрообод Бобо Розиқов, ки барои эҳтиёҷоти ҳарбии мамлакат 100 ҳазор сӯм аз ҳисоби пасандозҳои шахсиашон додаанд, садҳо пайравон пайдо намуданд. Меҳнаткашони Тоҷикистон барои хазинаи мудофиавии мамлакати Шӯравӣ баҳри таъсиси колоннаи танкӣ ва эскадрилияи (занҷираи) авиатсионӣ ва дигар эҳтиёҷоти ҷабҳа 30 миллиону 51 ҳазор рубли шӯравӣ, ки он замон маблағи азимеро ташкил медод, ҷамъ оварданд. Ғайр аз ин, аз ҷониби аҳолӣ ба миқдори 43 миллиону 700 ҳазор рубл коғазҳои давлатии қарзӣ (заём) харидорӣ шуданд. Артиши шӯравӣ аз тоҷикистониён иловатан боз 650 тонна ғалла, 53200 либоси гарм, 124 ҳазор пӯсти гӯсфанд, 100 тонна пашм, 25 ҳазор метр матоъҳои гуногун гирифт. Шаҳру деҳоти Тоҷикистон ҳамон солҳои вазнин 40 ҳазор гурезагонро, ки миёни онҳо 9500 нафар кӯдакон буданд, аз вилоятҳои Маскаву Ленинград, Киеву Харков қабул намуданд (шумораи умумии муҳоҷиршудагон ба ҷумҳурии мо теъдоди зиёда аз 80 ҳазор нафарро ташкил медод. Мутарҷим).

Дар муҳорибаҳои вазнин ҷавонмардони тоҷик баҳри озод намудани Ватан мардонавор ҷангида, ҷасорату шуҷоати бемисл нишон доданд. Бисёре аз ин абармардон дар озодкунии Маскав, Вилнюс, Таллинн, Рига, Кёнигсберг ҷони худро аз даст доданд. Ҳангоми озод намудани маҳали Жайжмории Литва ҷавонмарди кӯлобӣ, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Сафар Амиршоев ҳалок гардид. Вақти ба даст овардани шаҳраки Майории назди Рига ҷавонмарди данғарагӣ Исмат Шарифов қаҳрамонона ҳалок шуда, дар назди қалъаи Кёнигсберг Пирназар Шарифови шуроободӣ сахт ҷароҳат бардошт, аммо ӯ то омадани гуруҳи духтурони госпитали қисми ҳарбиаш муҳорибаро идома дод. Ҳамон ҷо, назди шаҳри Кёнигсберг, вақти кӯшиши рахна кардани хатти мудофиавии душман боз як тоҷикписари ҷасур, механикронандаи танки Т-34, ҷанговари ховалингӣ Карим Ҳалимов сахт ярадор гардид. Баъд аз анҷоми ҷанг, соли 1949 ӯ котиби якуми кумитаи вилоятии комсомоли Кӯлоб таъин мегардад.

Ба ман, пулемётчии бригадаи гвардиявии танкии дорандаи Орденҳои Суворову Ливои Сурх, иштирокчии амалиёти "Багратион", муяссар шуд, ки дар озод кардани бисёр шаҳри деҳоти ҷамоҳири назди Балтикаву Белорус ширкат дошта бошам. Ғалабаро дар назди Балтика пешвоз гирифтам. Ҳамаи мо он замон рӯзи фирӯзиро бесаброна интизорӣ доштем. Ва ҳоло, баъд аз гузашти 70 сол, чун ҳамон рӯзи охирини ҷавонии ҷангӣ, мехоҳам хитоб кунам; - Рӯзи Ғалаба муборак, рафиқон!!!

**Мирзо БЕКМАТОВ,**
*Корманди Шоистаи ҶТ, иштирокчии ҶБВ, раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати минтақаи Кӯлоб, полковники мустаъфӣ.*

Аз русӣ тарҷумаи
**Азамат ДӮСТОВ**



# Ӯ БАРОИ ВАТАН ҶАНГИД

**БОБОИ** Сафар моҳи апрели соли 1919 дар деҳаи Такхонаи ноҳияи Файзобод ба дунё омадааст. Падараш Мирзо шахсе буд, ки бо меҳнати ҳалол нон мехӯрду ба тарбияи фарзандон диққати даркорӣ медод. Ӯ бо амри дил аз зодгоҳаш ба Дашти Будана кӯч басту дар ободии деҳаи навбунёди Қулобод саҳм гирифт. Ҳангоме ки Сафар ҳамроҳи падар ба Қулобод омад, ҳамагӣ ҳашт сол дошт. Баъди чанде падару модараш дунёи равшанро падруд гуфтанд. Тарбияи Сафарро амакаш Толиб Аминов ба зимма гирифт.

Оғози соли сиюм Сафарро ба мактаби ибтидоӣ месупоранд. Вай пас аз гирифтани маълумоти ибтидоӣ дар колхози ба номи "20-солагии Инқилоб" ба ҳайси котиб ба кор даромад. Он солҳо кор осон набуд. Сафари ҷавон барои бунёди сохти колхозӣ тамоми кӯшишу ғайраташро равона кард. То саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ савияи донишашро дар омӯзишгоҳи собиқ вилояти Ғарм баланд бардошт. Пас аз хатми омӯзишгоҳ боз ба колхоз омад ва то моҳи апрели соли 1944 ба сифати котиб ва роҳбари дастаи меҳнатӣ ифои вазифа намуд.

Сафар Мирзоев ба комиссари ҳарбии ноҳияи Обигарм ариза навишта хоҳиш намуд, ки ӯро ба хизмати аскарӣ фиристонад. Ин хоҳиши ӯ қонеъ гардонда шуд. Ҳамроҳи чил нафар ҷавонони ноҳия ӯро ба аскарӣ фиристоданд. Сафару ҳамроҳонаш аввали моҳи май ба шаҳри Тошканд расиданд ва муддати қариб ду моҳ дар он ҷо таълими ҳарбӣ гирифтанд. Ҳангоми дар Тошканд будан 22 июни соли 1941 хабари ба хоки Ватан бе эълони ҷанг ҳуҷум кардани Германияи фашистиро шунид.

Ин хабари шум ӯ ва ҳамроҳонашро бетараф нагузошт. Онҳо хоҳиши ҳар чӣ зудтар ба хати пеши фронт рафтанро карданд. Ҳамин тавр моҳи августи соли 1941 Сафар Мирзоев ба қисми ҳарбии шаҳри Мозурки кишвари Ставропол омад. Вай дар ин ҷо муддати як моҳ дар машқҳои ҳарбӣ фаъолона иштирок намуд, шароити ҷангиро омӯхт. 20 сентябр ӯро ба дивизияи 300-уми тирандозӣ гузаронданд. Сафар Мирзоев дар дивизия вазифаи разведкачиро иҷро мекард. 19 ноябри соли 1942 фашистон девонавор ба шаҳри Сталинград ҳуҷум карда, мақсад гузоштанд, ки онро дар як муддати кӯтоҳ ишғол намуда, ба самти Москва ҳаракат мекунанд, вале тирашон хок хӯрд. Армияи Сурх пеши роҳи онро боздошт.

Сафар Мирзоев чун разведкачии нотарс ба артиши 62-юм, ки фармондеҳаш генерал В.И. Чуйков буд, вобаста карда мешавад. Тавре вақти дар қайди ҳаёт буданаш иброз дошта буд, онҳо рӯзи 20 ноябр ба кофтани хандакҳо шурӯъ намуданд.

-Ҳангоми кофтани заминкан ба хотир оварда буд бобои Сафар, - баландии барф қариб даҳ-понздаҳ сантиметрро ташкил медод. Замин чунон ях карда буд, ки бо бел кандан душвор буд. Ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда дар муҳлати муайяншуда супоришро иҷро намудем. Баъд ман противогазу гранатаҳо ва автоматро ба замин гузошта, чанд дақиқа дам гирифтам. Аз чап понздаҳ қадам дуртар Максим Иванович ба ҷанг омода шуда буд.

Соати чори рӯз нохост ғурроси ҳавопаймоҳо ба гӯш расид. Ман аз ҷой наҷунбида, ба осмон нигоҳ мекардам, нафратам ба фашистон торафт зиёд мешуд. Мехостам онҳоро ба дастонам бӯғӣ карда ба ҷаҳаннам фиристонам. Аз байн андак вақт гузашта буд, ки ҳавопаймоҳои душман пайдо шуда, моро зери оташ гирифтанд.

-Тайёр шавед! - амр намуд қумондони взвод лейтенант В.С.Дубнин ва ба мо супориши ҷангӣ дод. Нохост аз тарафи рости взвод ду танки душман пайдо шуд. "Оташ кушоед"!- шунида шуд овози командир ва ман якбора ду гранатаро ба сӯи танки пешомада ҳаво додам. Танк оташ гирифту аз ҳаракат монд. Танки дуюм низ аз гранатаи сержант Никита Димитриев оташ гирифт. Пиёдааскарони душман, ки шумораашон аз 50 нафар зиёд буд, ба мо наздик мешуданд. Бо амри командир мо якбора аз пулемёту овтоматҳо оташ кушодем. Ман ду нафар фашистро ба ҷаҳаннам фиристодам. Дар даромадгоҳи Сталинград дар натиҷаи ҷангҳои шадид душман хати мудофиаи моро рахна карда натавонист. Боре ба ман ва аскари қаторӣ Шумиров супориш доданд, ки ҳарчи тезтар "забон" ба даст биёрем.

Мо аз паси супориш шудем, ба деҳае, ки номаш дар хотир намондааст, равон гаштем.

Мо гаваккашон ба деҳа расидем, аз дур суробе намоён шуд. Бо диққат мушоҳида кардем. Онҳо аскарони немис буданд, ки анбори яроқу аслиҳаро посбонӣ мекарданд. Ману ҳамяроқам оҳиста пеш рафтем. Вақти қулай фаро расиду немисҳо ба ҳам наздик шуданд, ман аз ҷой хеста автоматро сӯяшон гардондам. Онҳо моро дидан замон дар ҷояшон шах шуданд. Мо онҳоро пеш-пеш карда ба қисми ҳарбӣ овардем. Аз асирони ҳарбӣ маълумоти пурқимат ба даст омад ва аз мавқеи гирифтаи душман огоҳ гардидем.

20 декабри соли 1942 Сафар Мирзоев барои матонати ҷангиаш сазовори медали "Барои мудофиаи Сталинград" гардид. Охири моҳи декабри соли 1942 командири полк ба разведкачиён рӯ оварда гуфт: "Чор нафар баҳодури нотарс лозим" супориш ниҳоят ҷиддист!".Дар вақти қайди ҳаёт буданаш нақл карда буд бобои Сафар, - командири полк нақшаи амалиёти гурӯҳи разведкачиёнро дар ҳайати Александр Батюк, Владимир Степанов, Содиқ Юсуфов ва худи ман муаян кард. Мо пас аз хӯроки бегоҳӣ соати даҳи шаб масофаи шаш километраро гаваккашон тай намудем. Субҳ надамида мо ба хандақи душман расидем. Ногоҳ чашмамон ба панҷ нафар фашист афтод. Онҳо ширакайф буданду суҳбат доштанд. Ду нафари мо аз тарафи чап ва ду нафари дигар аз тарафи рости душман гузашта автоматро ба тарафашон гардондем ва бо як чолокӣ онҳоро асир гирифта ба қисми ҳарбӣ овардем.

Моҳи августи соли 1943 Сафар Мирзоев барои корнамоиҳои ҷангиаш бо ордени "Ҷанги Бузурги Ватанӣ" ва ордени "Шараф" дараҷаи 1 сарфароз мегардад.

Ҳамин тавр ӯ дар муҳорибаҳои Камонаки Курск, озод намудани шаҳрҳои Харков, Минск, Киев иштирок кардааст. Соли 1944 дар ҷангҳои шадид барои озод кардани Киев дасти рости Сафар Мирзоев сахт ярадор мешавад ва ӯро ба дармонгоҳи Сочӣ мефиристанд. Сафар Мирзоев пас аз ду моҳи табобат шифо меёбад. Иштироки ӯро дар ҷангҳо минбаъд номумкин меҳисобанд ба зодгоҳаш ҷавоб медиҳанд.

Гарчанде Сафар Мирзоев дар қайди ҳаёт набошад ҳам, хотираи корнамоиҳои ҷангиаш дар дили фарзандону наберагон ва аберагон абадӣ нақш бастааст.

**Ҳокими САФАР,**
*рӯзноманигор,*
*Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ТОҶИКОН
# КӮШИШЕ ДАР ШИНОХТИ ЧЕҲРАИ ИҶТИМОИИ МУОСИР

***Соли 1869 Арминий Вамбери, олими шарқшиноси маҷорӣ, зимни саёҳат дар кишварҳои мусалмонии Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна дар робита ба шароити зист, анъана, одот, хусусиятҳои равонии сокинони он ҷо мушоҳидоти бисёр ҷолиберо аз худ боқӣ гузоштааст. Тарзи ҳаёт, хислат ва таърихи халқҳои маскуни Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон аз назари ӯ дур намондаанд. Ӯ навиштааст: "Тоҷикон сокинони аввалини тамоми шаҳрҳои Осиёи Миёна ҳастанд… афсӯс, ки ин халқ, сарфи назар аз маънавиёти ғании гузашта ва азамати пешинаи худ ба чунин беқадриву хорӣ расидааст. Дар баробари ин фарзандони Осиёи қадим - маҳди нажоди мо бисёр оҷиз ва бечора ба назар мерасанд".***

Дар таҳқиқоти дигари худ А. Вамбери сифатҳои иҷтимоии тоҷикро аз қабили кордонӣ, меҳнатдӯстӣ, андешамандӣ баҳои баланд дода, миёни дигар миллатҳои Осиёи Миёна онҳоро "олиҷаноб" унвон кардааст. Аз миёни ин мушоҳидот ман диққати хонандаро ба каломе чун "оҷиз" ва "ҷаноб" ҷалб мекунам. Воқеан, дар ҳаёти иҷтимоии тоҷик таркиби муттазод, сифоти мухолиф омадааст: он ҳам "оҷиз" аст, ҳам "ҷаноб"-ест, ки ҳамзамон соҳиби иззату шарафи худ мебошад. Таърих ҳеҷ гоҳ ба тоҷик раҳм накардааст. Он сахтӣ, мушкилоти зиёди иҷтимоӣ, ҳамчунин низомҳои сиёсиеро аз сар гузаронидааст, ки онҳоро дар таърихи дигар миллатҳои сайёра пайдо кардан душвор аст. Дар ин росто дигаре аз муҳаққиқони таърихи тоҷикон А. Шишов чунин менависад: "Тоҷикон дар тӯли ҳазорсолаҳо ба дасти лаҷомгусехтаҳо, ҷанговарони бераҳми ҷаҳонӣ бозича будаанд, ки дар натиҷа, дар мулки онҳо низоми ваҳшиёнаи шарқӣ ва истибдоди ҳокимон ҷорӣ буд, ки он аҳолиро ба даҳшат мубтало гардонид. Чун муддати мадиде зери зулми ҳуккоми ситамгар буданд, ба ояндаи худ бовариро гум карданд. Тарзи зист, оила, ҳаёти шахсӣ ва сифати ахлоқашонро, ки асолати онҳо буд, дар шакли аслӣ ҳифз карда натавонистанд, ҳарчанд эшон ҳаёти ором ва меҳнаткарин доштанд. Новобаста аз табаддулоти мухталиф, ба ҳар ҳол, тоҷикони тарсу султаи маънавиро дар худ ҳифз карданд".

Таърихи тоҷик пур аз фоҷеа ва воқеаҳои ғамангез аст. Ҳуввияти он маротибаи аввал, вақте дар ҳоли азбайнравӣ қарор гирифт, ки маҷбур буд худро "ибн" ё "абу" кунад, бори дувум, бо роҳи ҷабр "ов" ва "ович" хондани худ. Тафовут дар он аст, ки дар ҳолати аввал фарҳанги он чун ҷанговарон нақши созанда-иртиботӣ, арзишманд-ташаккулӣ бозид ва дар ҳолати дувум фарҳанги он комилан аз фарҳанги умумиэронӣ (аҷамӣ) дар инҳисор гирифта шуда, чунин як фарҳанг нолозим, кӯҳна ва архаистӣ муаррифӣ гашт. Аз алифбои он намегӯем, ки дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ (1920-1940) ду маротиба мавриди тағйир қарор гирифт, ки он маънии зеҳни онро аз лиҳози равонӣ бозмондан дошт. Ғайр аз ин таърихи тоҷик ба ҳадде таҳриф гашт, ки худи мафҳуми "зеҳни таърихӣ" барҳам хӯрда, ба устура табдил ёфт. Мисоли нисбатан барҷастаи ин гуфтаҳо афсонаи халқии "Ленин ва кучук-одам" аст. Ҳамчунин сурудҳои халқӣ дар бораи Ленин, Сталин, ҳизби болшевикон низ ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонанд.

Тоҷик бинобар дар гирдоби таърих қарор гирифтан аксари анъаноти мусбати иҷтимоии худро, ки метавонистанд онро ба ҳадди миллатҳои соҳибтамаддуни муосир бирасонанд, аз даст дод. Огоҳи фарҳанги мутамаддини тоҷик барои муаррихони фарҳангҳо маълум аст: пиндори нек, рафтори нек, гуфтори нек. Агар аз нигоҳи тамаддуни муосир тоҷик мавриди таваҷҷуҳ қарор бигирад, ба назар мерасад, ба ин миллат тамғаи "осиёӣ", консерватив, навнопазир, мутаассиб, кӯтоҳбин, қабилагаро, ҷоҳталаб, саҳлангор, бепарво, майл ба ихтилоф доштан задаанд. Аммо тоҷик комилан ин тавр нест. Ӯ дорои зарфияти имконот, нерӯи маърифат аст, ки имкон фароҳам меоранд, то ба ҳадди ҷомеаи мутамаддин бирасад, албатта, агар бигзоранд, ки ин миллат зинда бошад. Дар ин нақш тоҷик бо меҳнатдӯстӣ, туғёнҳои эҳсосӣ ба бунёдгузорӣ аз дигар мардуми мутараққӣ дар ростои муносибати иҷтимоӣ фарқе надорад. Тоҷик, умуман, аз сифати иҷтимоӣ-расмӣ маҳрум нашудааст. Дар робита ба ин масъала уламо, сайёҳон, мубаллиғон, эммисарҳои ҳарбӣ, аз қабили Сюян-Тзан, А. Вамбери, А. Ф. Миддендорф, Г. Арандаренко, А. П. Ханыков, А. П. Шишов, Н. Г. Богоявленский, М. С. Андреев, В. Навалкин, В. В. Бартолд, А. А. Семёнов ва дигарон иттифоқи назар доранд. Тоҷик табиатан моил ба навсозӣ, дарки лаззатбахши ҷаҳон, муносибати ҳасана бо ҳамсоягон ва дигар русуми динӣ мебошад. Агар ба таърих ва фарҳанги он назар афганда шавад, ба таври возеҳ асоси мутамаддини амалҳо ва меъёрҳои он ҳувайдо мешаванд. Ин миллат ҳеҷ гоҳ ба ҳамсоякишвари худ ҳуҷум накарда, замин ва шаҳрҳои бегонагонро ғасб, тарзи ҳаёт, забон, дини худро ба дигарон таҳмил накардааст, балки баръакс маъвои модарии ӯ ҳамеша дучори ҳуҷум ва тахриб будааст, аз ҷумла шурӯъ аз асри IX то асри XIX (аз ҷониби арабҳо, муғулҳо, туркҳо).

Дини худро, ки бунёди моддиву маънавиаш буд, аз даст дод, забонашро, тарзи ҳаёту афкорашро маҳлут карданд. Ин миллат ба ҳадде мавриди омезиши шадид қарор дода шуд, ки дар аксари шаҳрҳои аҷдодии таърихиаш (Марв, Бухоро, Фарғона ва ғ.) худогоҳии миллӣ пурра бархам зада шуд, ки расад ба асли калимаҳои худшиносӣ ва ҳувият. "Тоҷик табиатан ба корҳои мулкӣ иқдом кардаа, - менависад А. Вамбери, - ҳамеша моили заминдорӣ, саноат мебошад ва ҷангро чашми дидан надорад". Чунин майлон нишонаи калидии инсони мутамаддин аст. Заминдорӣ барои тоҷик ҳастии ӯ ва амали маъмулии ӯст. Феълан, тоҷик ҳар як ваҷаб заминро арзишманд меҳисобад, тасодуфӣ нест. Барои исботи ин гузаре ба деҳоти кӯҳистони Тоҷикистон кардан ва ба он қавл, ки тоҷик хона ва иншооти худро дар санглохи ғайрикишт месозад, бовар намудан кофист. Ҳар як манзили зери осмони боз тақрибан осорхонаест, ки аз заҳмоти сангин ва эҳтиром ба замин далолат мекунад. Дарёфти инсоне дар ҷаҳон, ки чун тоҷик ба замин эҳтирому муҳаббат дошта бошад, душвор аст.

Ин хусусият аввалан, ба табиат - шароити вуҷуди тоҷик рабт дорад, ки дар кӯҳдоман як мушт хок на камтар аз тилло қимат дорад. Баъдан, заминҳои ҳосилхези тоҷикон ҳамеша аз ҷониби муғулҳои кӯчманчие, ки чунин фарҳанги заминдорӣ надоштанд, тахрибу касиф шуданд. Ишқи ӯ ба замин, хишти заррини бунёдии ҷаҳоншиносӣ ва фалсафаи тоҷик аст, ки дар ашъори шуаро ва ҳакимони зиёде васф мешавад. Ишқ ба замин дар фарҳанги тоҷик ба ҳадде амиқ реша давонидааст, ки гоҳе дурӣ аз деҳа, макони таваллуд ва он ҷое, ки ӯ аввалин қадами худро дар ҳаёт гузоштааст, фоҷиабор аст. Замин, Ватан барои тоҷик ин пеш аз ҳама ҷаҳони ботинии ӯст. Барои ҷамин тоҷик ба сурати пойдор ва маҳкам решапайванд бо замин аст. Дар гузашта чун тоҷикон барои дарёфти қути лоямут ба кишварҳои дур сафар мекарданд, дар рӯймолчае муште аз хоки Ватанро баста, онро ба худ мегирифтанд. Тасодуф нест, ки дар фолклори тоҷикон мо зарбулмасалу ҳикматҳои зиёдеро вомехӯрем, ки дар онҳо Ватан вобаста ба маънию тасвири бадеии худ нақши барҷаста дорад. Ба гунаи мисол, зарбулмасали "Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар" барҷастатарин далел аст. Ҳамчунин дар ин робита, дар афкори эҷодкорон ва шуарои муосири тоҷик Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва афкори фалсафӣ-публисистии файласуфи машҳури тоҷик Акбари Турсон нуктаҳои ҷолиберо метавон пайдо кард. Ишқи тоҷик ба замин ба ҳар нафаре, ки дар замини санглохи ӯ будааст, асар гузоштааст.

Ба қавли А. Серебренников, ба ғайр аз сифати зотии меҳнатдӯстии тоҷик дилбастагии қобили таваҷҷуҳи ӯ ба зиндагии ором, ба замине аст, ки онро кишт мекунад ва баъзан меҳнати ӯ подоши дилхоҳ намедиҳад. Н. Энгелгарт тобовarии тоҷиконро дар робита ба меҳнати сангини деҳқонӣ таъкид менамояд. Дар ин масъала онҳо танҳо бо чиниҳо қиёспазиранд. Ба ғайр аз заминдорӣ тиҷорат ҳамчун қисми муҳими фарҳанг, қисмати бунёдкорӣ, тараққии рӯзгори ӯро ташкил медиҳад. Зимнан ба мавридаст аз маҷаллаи "Природа и люди" ("Табиат ва инсон"), нашри Санкт-Петербург дар солҳои 1880 иқтибос орем: "…тоҷик табиатан ба тоҷирӣ майл дорад. Ӯ ҳатто як лаҳзае тиҷоратро канор намегузорад, ҳарчанд фоидаи камтарин ҳам бинад. …аз як дирҳам пул месозад. Кораш барор гирад, дӯконеро боз менамояд". Тибқи адабиёти мардумшиносӣ, мушоҳидаи уламо ва сайёҳони асри гузашта, тоҷик ҳамеша оҳангар, кулолгар, наҷҷор ва соҳиби ҳунарҳои дигар васф мешавад. Он ки тоҷикро гули сари сабади аҳолии қораи Осиёи Миёна гуфтаанд, тасодуфӣ нест (А. Ф. Миддендорф, А. Вамбери, А. П. Шишов, Н. Н. Остроумов).

Тоҷик табиатан шаҳрнишин аст. Шаҳр ҷони ӯ, табиати ӯст. Тоҷик дар шаҳр зиндагии шоистаеро ба роҳ мемонад. Бинобар ин, тоҷикро на вобаста ба мансубияти қавмӣ, балки нисбат ба шаҳрҳо, макони зисташ тавсифу муайян менамоянд: самарқандӣ, бухороӣ, хуҷандӣ, фарғонӣ ва ғайра. Ин аз огоҳи ҳаёти мадании тоҷик ва хислати фарҳангофари ӯ башорат медиҳад. Дуруст аст, ки ин меъёр дар шароити ситамгорӣ, бюрократӣ ва худкомаӣ шакли дигар гирифта, заминаи бурузи кӯтоҳбинӣ, қабилагароӣ гашта ҳоло аз байн рафтааст. Ҳанӯз Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XI) мардумро нисбат ба макони зист ҷудо карда буд: биёбоннишин, ҷангалнишин, кӯҳнишин ва шаҳрӣ. Тоҷикон муталлиқ ба мардуми шаҳрнишинанд. Фарҳанги шаҳрӣ ба рушду равнақи уламо, шуаро, сӯфиён, муғанниён, рассомон, хаттотон ва ғ. мусоидат кард. Бидуни онҳо зинда мондани тоҷикон имкон надошт.

Акнун барои бозгардонидани тоҷик ба ҳолати табиӣ ва таърихии он, аз ҷумла барои баргардонидани ҳамбастагии ӯ ба замин, тиҷорат, умури шаҳрдорӣ, бозгардонидани бовари ӯ ба нерӯи худ ва дур сохтани масъалаҳои камарзиш аз мафкураи вай на танҳо муносибати ҷамъиятӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ, балки, умуман тарзи ҳаёташро тағйир бояд дод. Воқеан, боиси ҳайрат аст, вақте тоҷик дар шароити тоқатфарсои ҳукмронии кӯчманчиҳо ва ҳукуматҳои бадавӣ ба заминҳои камҳосили обёришаванда ронда шуд, боз ҳам тавонист худ ва оилаи худро бо ғизо таъмин кунад ва хироҷ ҳам диҳад. Вале дар замони мо, қарни тараққиёти илму техника, иттилоотикунонӣ ва компютеркунонии ҷомеа, ҳамоно аз қашшоқӣ, аз ҷустани қути лоямут, аз оворагардӣ дар мулкҳои бегона, аз фишори иҷтимоӣ-сиёсӣ, фасоди молӣ ва ғайра раҳо нашуд. Тоҷик аз эҳсоси ҳуввияти худ, арзишҳои равонӣ ва фарҳангӣ бозмонд, зеро ба гастарбайтер ва муҳоҷир бадал шуд. Ғайрифаъол ва беҳис шудани равони тоҷик, бепарвоӣ ба ислоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсии ҳаёт сол то сол зуд ва бештар эҳсос мешаванд. Тараҳҳуми дурӯғин, найранги идеологии бошуурона ва бешуурона чун замони шӯравӣ ҳозир ҳам тоҷикро ба раҳгумӣ мебарад.

Муҳоҷират, аниқтараш гастарбайтерӣ "тамға"-ест дар пешонии вуҷуди иҷтимоии тоҷики муосир. Касе, ки мушкилот ва "аҷобат"-и муҳоҷиратро таҷриба накардааст, ашки бари рухсораи тоҷикро надидааст, ҳеҷ гоҳ ҷойгоҳи ӯро дар раванди ҷаҳонишавӣ дарк карда наметавонад. Тоҷик тарки Ватан менамояд, то зинда монад, оилаашро бо ғизо таъмин кунад, ба душвориҳо беҳуқуқӣ, паст задани шаъну эътиборашро чи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва чи маънавӣ таҳаммул мекунад. Муҳоҷират ба ҳадди муайян урфу одати тоҷикро аз байн мебарад, баъзан дар ҷӯши нафрат ба тарзи ҳаёти сиёсию иҷтимоии муосир инро тоҷик ҳамчун бозии бади тақдир мепиндорад, ки одати таърихист. Аммо муҳоҷират чун "хокистари сӯзон" аст, то муҳоҷират накунӣ, дардҳои он - бехонагӣ, оворагӣ, ҷудоӣ аз ватан, аз қавм, забон, равон ва ягонагии таърихиро намедонӣ.

Истилоҳи олмонии "гастарбайтер" ба маънии вожаи "ғарибӣ" вориди фонди луғавии тоҷик гашт. Дар гузашта падидаи "ғарибӣ" ё дар натиҷаи таҷовузи ҳукумати маҳаллӣ ба кор бурда мешуд, ё зимни ба ҷустуҷӯи луқмаи бештаре ба ғурбат рӯ оварадан. Ҳатто дар фолклори халқи тоҷик жанрҳое, ба мисли "Ғарибӣ" (шеърҳои ғурбат) ва "Фалак" - шикоят аз гунбади нилгун пайдо шуданд. Ин ҳама ба он хотир буд, ки тақдири сангин ҳамеша домангири тоҷик будааст. Аслан, истилоҳи "гастарбайтер" чеҳраи иҷтимоии тоҷики муосир ва вазъи моддии ӯро муаррифӣ менамояд. Гастарбайтерӣ паноҳгоҳи охирин аз нахси иҷтимоӣ мебошад. Он рӯҳ ва эҳсосро фалаҷ месозад, ҳувият ва урфу одоти инсонро бархам мезанад. Суоле ба вуҷуд меояд: магар гастарбайтерӣ ғуломӣ бар сармоядории глобализатсияшаванда ва фиреби молии кордиҳандаҳои муосир, дар маънои васеаш сохтори давлатӣ нест? Бале, чунин аст, балки ба таври густурдатар ва дурушт. Фарқияти он аз ғуломии классикӣ дар он аст, ки аввалан, он на танҳо афродро ба сӯйи худ мекашад, балки кулли қавм, мардумро бо ҳукумату давлаташ ба худ ҷалб менамояд. Дувум, тавре яке аз муҳаққиқони муосири равандҳои сиёсӣ дар ҷаҳони глобализатсионӣ Агабен ба мушоҳида гирифтааст, гастарбайтерӣ дар ҳоли "homosacer", яъне "ихроҷ"-и кас аз васоити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, марги одитарин ҳуқуқҳои кӯмаки иҷтимоӣ буда ва истифодаи муҳоҷирин дар корҳои вазнину номуносиб ба замони имрӯза ҷавобгарӣ надорад. Шояд ин хулосагирӣ ҳангомаи муаллифи мақола бошад, вале ба ҳар ҳол ҳақиқате дорад. Ман дар бораи беҳуқуқии тоҷик дар Русия ҳатто сухан намегӯям. Давлатҳои ғанӣ ва мутараққӣ бо теъдоди зиёди муҳоҷирин дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ нерӯи зеҳнӣ, бартарияти муттамаддини худро нисбат ба кишварҳои қашшоқу қафомонда ба намоиш мегузоранд. Ҳатто бештари гунаҳи иҷтимоӣ, сиёсии худро ба муҳоҷирин нисбат медиҳанд. Русия яке аз мисолҳои классикист. Баъзе аз аъзои Думаи давлатӣ, бале, шахсони мансабдори сохторҳои давлатӣ чунин як ақидаи русҳоро ба вуҷуд меоранд, ки дар нобароириҳои ҳолати иқтисодӣ муҳоҷирин - гастарбайтерҳо гунаҳкоранд. Баъзан бо чунин мавқеъгирӣ чунин як айбро ба тоҷикон ё дигар миллатҳои Осиёи Миёна таҳмил мекунанд, ба ҳадде ки наздик ба гунаҳкори асосии нобароириҳо муҳоҷирон шуморида мешаванд. Кор ба ҷое мерасад, ки гӯё тоҷикон ва дигар миллатҳои Осиёи Марказӣ русҳоро имконият намедодаанд, то бо Иттиҳоди Аврупо ворид шаванд ё кишваршонро ба сохтори Шенген ворид гардад.

Бармегардем ба чеҳраи иҷтимоии тоҷик. Тоҷик дар замини худ ҳеҷ гоҳ бидуни тиҷорат назистааст, вале ҳамчунин ҳеҷ вақт ҳаёти роҳат надоштааст. Бо вуҷуди ин ҳамеша вонамуд менамояд, ки зиндагиаш хуб аст. Истилоҳи "ҳиҷронзада" ҳолати иҷтимоии ӯро бозгӯ менамояд. "Ҳиҷронзада" на танҳо ба насли ҷавон, ки берун аз Ватани худ дар ҷустуҷӯи кор ҳастанд, балки ба падару модари тоҷике, ки фарзандони худро дар ғурбат аз даст додаанд, низ тааллуқ мегирад. Ин ҷо зарур намедонам, ки факту арқоми оморӣ ва иҷтимоӣ дар робита ба аз даст додани наздикони тоҷикон ё дар бораи ғаму андуҳи ононе, ки наздиконашонро аз даст додаанд, пешниҳод шаванд, бале, баршумурдани микдори ашк беадабист, аммо...

Дар ҷомеаи мутамаддини муосир барои қатли як ё якчанд шаҳрванди ин ё он давлат мотам ва ё эътирози ҷиддӣ эълон карда мешавад. Ба ин гуфтаҳо қатли 20 мактаббача дар шаҳри Ню-Тауни ИМА ё Қонун дар бораи Дима Яковлев, ки аз ҷониби Думаи давлатӣ моҳи декабри соли 2012 қабул шуд, мисол шуда метавонад, вале марги тоҷик бар асари ҷароҳат ё куштан аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ ва миллатгароии Русия, кам касонро ба ташвиш меорад. Ман дар бораи он тоҷиконе намегӯям, ки шаҳрвандии давлатҳои дуру наздикро дарёфт кардаанду он ҷо ба сар мебаранд. Ин гуна тоҷикон ҳам ҳастанд, ки ҳуқуқашон, забон ва фарҳангашон маҳдуд шудааст.

*(Давом дорад)*

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
*профессори Донишкадаи давлатии Тошканд*

**Бознашр аз «Ҷумҳурият»**



# «ВИСОЛИ ҲАҚ» БА КӢ ПАЁМ МЕДИҲАД?

**Наздик ба ду ҳафта мешавад, ки дар фазои иттилооти Тоҷикистон сару садоҳо дар мавриди барномаи шабакаи телевизионии "Висоли ҳақ", ки шоми 22-юми апрели соли ҷорӣ пахш гардид ва "Тоҷикистон: дардҳо ва орзуҳо" номгузорӣ шуда буд, идома доранд.**

МАСЪУЛИ барнома ё ба ибораи дигар барандаи он Муҳаммади Ансорӣ сараввал сохти замони Шӯравиро танқид карда, сипас ба интиқоди Ҳукумати ҳозираи Тоҷикистон пардохт. Ӯ бештар эҳсосӣ аст ва хилофи одоби журналистӣ ақидаи худро ба дигарон таҳмил мекунад. Аз ҷумла, қимат будани пули омӯзиш дар донишгоҳҳо, манъ кардани ба ҳаҷ рафтани шаҳрвандони то синни 35-сола дар Тоҷикистон, ҷанги низом бо ислом ва монанди инҳо мавзуъҳое буданд, ки аз тарафи ин баранда матраҳ шуданд. Аз тафсири ӯ маълум буд, ки номбурда дар бораи ҳақиқати вазъият дар Тоҷикистон заррае тасаввурот надорад ва он каломе, ки ба забон меорад, ё такрори гуфтаҳои бардурӯғест, ки барояш расондаанд, ё бофтаи тахайюлоти манфиатхоҳонаи худаш. Дар барнома наздики 25 нафар тавассути скайп ва телефон ибрози андеша карданд.

Аввалин нафаре, ки садояш аз Тоҷикистон пахш шуд, муовини раиси ҲНИТ Саидумар Ҳусайнӣ буд. Ин нафар аз вижабарнома истиқбол намуда, зикр кард, ки "миллати мусулмони Тоҷикистон асрҳо чунин мушкилотро дорад. Дар Тоҷикистон ҳукуматдорон аз рушди Ислом дар ҳаросанд. Озодии конститутсионии мардумро маҳдуд мекунанд. Рафтан ба масҷид, таълимоти исломӣ, риш мондан, сатр пӯшиданро маҳдуд мекунанд". Ӯ ҳамчунон аз фишорҳо болои нафароне, ки таълимоти исломӣ гирифтаанд, ёд кард. Аз тарзи суханронии ӯ маълум буд, ки ӯ ҳамчун намояндаи як ҳизб бо ҳар роҳе набошад, мехоҳад вазъияти мусулмононро вахим нишон диҳад. Хеле аҷиб аст, вақте нафаре, ки чандин сол ҳамчун намояндаи мардумӣ аз ҳисоби миллату давлати худаш рӯз мегузаронид, акнун кӯшиш дорад, ки ҳалли мушкилоти сиёсии худу ҳизбашро дар кӯмаки бегонагон биҷӯяд, аз онҳое, ки тариқи ин телевизион куштори ваҳшиёнаи ҳамдинони худро на инкор, балки таблиғ мекунанд.

Дар барнома рӯирост Ҳукумати Тоҷикистон душмани дину ҳиҷоб эълон мегардад. Ҳар сухани масъули ин барнома пур аз эҳсос аст ва олуда бо хашм, зеро масҷидро ба шаробу муҳоҷиатро ба нангу номус, ҳиҷобро ба фарҳанг муқоиса ва муқобилгузорӣ мекард ва таъкид ба мурдан (тарсонидан), ки хоси аксарияти динҳо мебошад.

Инчунин навори суханрониҳои бародарон Нуриддин ва Маҳмудҷон Тӯраҷонзодаҳо пахш шуд, ки як саҳнаи манқуртсозие беш нест. Маҳмудҷон Тӯраҷонзода рафтори дунявиҳоро ба Толибон нисбат медиҳаду таъкид мекунад, ки инро экстремизми дунявӣ мегӯянд. Хулосааш он аст, ки нисбати диндорон экстремизми дунявиён бештар аст. Фақат ҳеҷ мисоле намеоваранду оварда наметавонанд, ки "экстремистони дунявӣ" фалон диндореро сар буридаанд, масҷидеро сӯхтаанд ва роҳи масҷидро барои намозхоне бастаанд. Табиист, ки ҳар як давлате, новобаста аз исломию дунявӣ буданаш, барои таъмини амнияти ҷомеа ва сокинони кишвар, хатман аз нақшаю ниятҳои ғаразхоҳона, аз шӯрангезию нифоқ пешгирӣ хоҳад кард. Он чӣ "қаҳрамонон"-и "Висоли ҳақ" нақзи мусулмононаш мехонанд, маҳз ҳамин иқдомоте мебошанд, ки аз ҷониби ниҳодҳои масъул саривақту дуруст роҳандозӣ шудаанд.

***Аз лаҳн ва иттиҳомоте, ки баранда истифода мебарад, пайдост, ки худи ӯ хоста нахоста ва дониста надониста вориди бозии бузурги абарқудратҳо шудааст, ки дар байни мусулмонҳо бо истифода аз эҳсосоти мазҳабии мардум онҳоро бар зидди якдигар таҳрик медиҳанд.***

Ба ақли солим рост намеояд шунидан ба тамошо кардани чунин наворҳо, зеро касе ҳуқуқи ҳукм кардан ва таҳқиру паст задани одамони дигарро надорад. Кӣ ин ваколатро ба рӯҳониён додааст, касе намепурсад? Ё Ҳофиз, ки ҳамеша ҳамагон аз номаш мисол оварданро ифтихор медонад, нодуруст гуфтааст:

*Май бихӯр, мусҳаф бисӯзу*
*оташ андар Каъба зан,*
*Сокини бутхона бошу*
*мардумозорӣ накун.*

Инчунин дар рафти барнома ашхоси гуногун ибрози ақида намуданд, ки ҳамагӣ ҷонибдорӣ аз исломи исломгароӣ карданд ва санги маломат ба сари Ҳукумат бориданд.Танҳо як нафар зан, ки номаш зикр нашуд, дар барнома ҳамаи ин суханонро тӯҳмат ва дурӯғ ҳисобид. Ҳамчунин ин зан зикр кард, ки дар Тоҷикистон намоз хондан озод аст ва ба саволи он ки чаро то 35-сола ба ҳаҷ рафтанро манъ карданд, посух дод, ки инҳо аз ҳад гузарониданд. Муҷиби ҳамаи ин нобасомониҳоро дар бесаводӣ хулоса кард ва таъкид намуд, ки давлатҳои Сурия, Ироқ, Афғонистон ҳам исломӣ ҳастанду гирифтори ҷангҳои дохилӣ. Аз ҷониби ӯ дуруст изҳори тааҷҷуб шуд, ки барои чӣ ин мардум додашонро ба ҳукумати худашон арз намекунанду дар телевизиони "Висоли ҳақ" мегӯянд?

Ҳатто, «дар барнома нафароне», ҳам буданд, ки мехостанд фатвои ҷиҳодро низ пайдо кунанд.

Шояд баранда ва дигар масъулони барномаи телевизионии "Висоли ҳақ" дарк накарданд, ки бо ин гуна "таҳлилҳо" ва нифоқангезии худ чӣ ҳосиле ба даст меоранд. Оё мушкилоти мардуми Тоҷикистонро ҳал мекунанд, баробарӣ ва адолати иҷтимоиро барқарор мекунанд, чунон ки худи онҳо иддао доранд? Ва ё ба оташи ҷаҳлу низоъҳои мазҳабӣ ҳар чи бештар равған мерезанд? Аз лаҳн ва иттиҳомоте, ки баранда истифода мебарад, пайдост, ки худи ӯ хоста нахоста ва дониста надониста вориди бозии бузурги абарқудратҳо шудааст, ки дар байни мусулмонҳо бо истифода аз эҳсосоти мазҳабии мардум онҳоро бар зидди якдигар таҳрик медиҳанд. Баранда гаштаву баргашта дигар кишварҳоро дар "бединсозӣ" ва "рофизигарӣ" ву "шиагарӣ" и мардуми тоҷик гунаҳкор мекунад. Гӯё онҳо бо дасти рӯҳониёни расмии кишвар алайҳи "аҳли суннат ва ҷамоат" мубориза бурда истодаанд. Онҳо хушдор медиҳанд, ки ба зудӣ чеҳраи аслии онҳо, ки "аҳли ташайюъ" мебошанд, намудор мешавад. Мақсади асосӣ аз чунин шеваи барномасозӣ бедор кардани мухолифатҳои мазҳабӣ дар ҷомеаи тоҷик мебошад. Ҳамаи ин ба манфиати абарқудратҳое мебошад, ки мехоҳанд нуфузу ҳузури шарикони стратегиро дар Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон коҳиш диҳанд. Ба касе пинҳон нест, ки нуқтаҳои доғи сайёра дар ҳоли ҳозир бо сабаби бархӯрди манфиатҳои геосиёсии абарқудратҳо ба чӣ ҳол гирифторанд. Муҳаммад Ансорӣ оиди вобастагии Тоҷикистон аз Русия ва Эрон сухан мекунад, вале чаро дар бораи Арабистони Саудӣ, Қатар ва дигар кишварҳои исломӣ, ки вассали дигар абарқудратҳо ҳастанд, чизе намегӯяд?

Мутаассифона, аз таҳлилҳо маълум мешавад, ки расонаҳои Тоҷикистон бо ин шеваи коре, ки доранд, наметавонанд дар набарди иттилоотӣ истодагарӣ кунанд. Аксарияти расонаҳои чопӣ ва электронӣ дар Тоҷикистон фақат масъалаҳои куштор, зӯроварӣ, тарғиби мазҳабҳои гуногуни динӣ, масъалаҳои шахсӣ ва дигар масъалаҳои ночизро баррасӣ мекунад ва ҳатто ба ҳайси коршинос дар масоили сиёсиву иҷтимоӣ на олимону мутахассисон, балки рӯҳониёну пешвоёни диниву мазҳабиро мепурсанд. Ин боиси он шудааст, ки мардум аз илм ва навовариҳо дур шуда, рӯз то рӯз мазҳабитар мешаванд.

Кумитаи дин, Шӯрои уламо, Маркази исломшиносӣ ва дигар ниҳодҳои ба ин масъала марбутро зарур аст, ки тарзи бархурд ва вокуниш нисбати расонаҳоро дуруст ба роҳ монанд. Айни ҳол зарур аст, ки омилҳои дингаро шуданӣ ҷомеаро маълум карда барои хурофотро зудудан ҷиддан кор кард. Намешавад, дигар аз гузаштагон панд овардану ҷавононро насиҳат кардан, ки гузаштагони мо фалониҳо буданду фалон корро карданд. Чашми ҷавонони асри навро бояд кушод ва ба сӯи илмомӯзӣ раҳнамун сохт. Бас аст дигар аз гузаштагон ифтихор намудан, ки Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон Қуръон мехонданду ҳофизи Қуръон буданд. Акнун замони он фаро расидааст, ки дигар ҷанбаи кору фаъолияти гузаштагонро ҷустуҷӯ кунем, на ба кадом равияи ислому тариқат пайравӣ намудани онҳоро.

Аз суханрониву пешниҳодот дар барномаи махсуси шабакаи "Висоли ҳақ" маълум шуд, ки мо ҳанӯз дар фикри асри миёна ҳастем ва мехоҳем зиндагии асримиёнагӣ дошта бошем. Ин қадар ҷавонони мо шефтаи дину мазҳаб шудаанд, ки ҳатто ишқу муҳаббату рӯзгори хуши ин дунёиро инкор мекунанд.

Ин барнома аз аввал то ба охир ҳадафи аслиаш таблиғи мазҳабҳои бунёдгароии исломӣ буд, ки дар пушти онҳо манфиатҳои бегонаҳо меистанд. Таҳрик додани ангезаи мазҳабӣ, даъват ба сохтани хилофати ҷаҳонӣ низ яке аз аҳдофи асосии ин барнома буд, ки инро гардонандаи он Муҳаммад Ансорӣ дар интиҳо ишора ҳам кард. Ин барнома ҷанбаи дигари фаъолияти наҳзатиҳои Тоҷикистонро нишон дод, ки тавассути чунин шабакаҳо бар зидди миллату давлати худ маълумоти бардурӯғ пахн мекунанд.

Дар асри XXI, ки дин ҳамчун арзиши ахлоқӣ ва шахсӣ асту зиёда аз 108 давлат низоми секуляриро интихоб кардаанд, намешавад ҳамаи масъалаҳои рӯзгорро аз диди динӣ баҳогузорӣ кард. Ба ин тарз ошкор кардани норасоиҳои иҷтимоӣ, танҳо хоси ҷомеаҳои қафомонда аст.

Имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон таассуб ба ҳаддест, ки дигар ҳатто аз як журналисти телевизион, ки вазифааш расонидани иттилоот аст, талаби баровардани ҳукми шариат нисбат ба ин ё он шахсонро мекунанд. Ин гувоҳӣ огоҳии нодурусти доштан аз равандҳои муосири ҷаҳонӣ ҳам ҳаст. Илова бар ин, ин ҳама натиҷаи сиёсӣ шудани Ислом ва дин аст, ки баъди солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон авҷ гирифт.

Барои бартараф кардани ин таассубу хурофот фақат илм метавонад муқобилият кунад, зеро илм вазифааш созандагӣ аст.

**Фирдавс НИЁЗӢ,**
**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**
*кормандони илмии АИ ҶТ*

Минбари халқ
6 майи соли 2015,
№19 (998)

**Терроризм аз зуҳуроти хавфноктарини ҷомеаи имрӯзаи мо буда, на танҳо характери миллӣ, балки байналхалқӣ дорад. Терроризм қабл аз ҳама ба шикасти ҳокимияти давлатӣ ва дар мафкураи аҳолӣ ҷой додани ҳиссиёти тарсу таҳлука, беҳимоятӣ бо роҳи фишору зӯроварӣ равона мешавад. Мубориза алайҳи терроризм дар даврони муосир аҳамияти бештаре касб мекунад.**

# Терроризм-хавфноктарин ҷинояти замон

Терроризм, террорист, фаъолияти террористӣ мафҳумҳоеанд, ки ҳамарӯза тавассути воситаи ахбори омма паҳн гардида, дар байни аҳолӣ нооромӣ, ташвишу таҳлука ва нобовариро тавлид месозанд.

Терроризм проблемаи глобалии ҷомеа буда, чун манбаи ҳаводиси мудҳиштарини ҷаҳонӣ муаррифӣ гардидааст.

Баррасии мафҳуми терроризм яке аз масоили мушкилу ҳалталаб дар таҳқиқи илму ҳуқуқ ва таҷрибаи мубориза алайҳи ҷинояткорӣ дониста мешавад.

Хусусияти фарққунандаи терроризм хавфи оммавӣ доштани он аст, ки дар натиҷаи амалиёти барои ҷомеа хатарнок ва ё таҳдид барои ба миён овардани ҳамин гуна хатар ба миён меояд. Хатари оммавӣ дар ин ҳолат воқеӣ буда, ба доираи номуайяни одамон равона карда мешавад.

Дигар хусусияти терроризм иҷроиши ошкорои он дар ҳузури умум мебошад, яъне терроризм бе ҳеҷ шакку шубҳа як навъи зӯроварист, ки бар зидди омма равона шуда, амалиётҳои ҷиноятие, ки баромади номуайян доранд ва таҳқиқу муайян намудани онҳо мушкилиҳои бештар дошта бошад ҳам, эҳтимолияти амалиёти террористӣ будани онҳо бештар мегардад.Амалиёти террористӣ ва умуман терроризм аз дигар навъи ҷиноятҳои барои ҷомеъа хатарнок ва ба миён оварандаи тарсу таҳлукаи омма бо он фарқ мекунад,- ки дар натиҷаи амалиёти террористӣ тарсу ҳарос худ ба худ не ,балки дар муҳити иҷтимоӣ мақсаднок ва махсус ба миён оварда мешавад.



Дар Паёми имсолаи худ Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар як қатор давлатҳо ҷангҳои харобиовар идома дошта, боиси афзоиши шумораи фирориёни иҷборӣ, бекорӣ, гуруснагӣ ва шиддат гирифтани проблемаҳои дигари иҷтимоӣ гардидаанд. Мо набояд роҳ диҳем,ки чунин унсурҳо ҷомеаи моро ноором созанд.

Терроризм ва ифротгарой беш аз ҳарвақта авҷ гирифта, ба оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри бистуякум табдил ёфтааст,ки ҳар рӯз тариқи васоити ахбори омма огаҳ мешавем ва вазифадор ҳастем барои пешгирии ин ҷиноятҳои мудҳиш муборизаи беамон барем.

Бинобар ин масъулини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат ва корпуси судиро низ зарур аст, ки дар самти мубориза бар зидди терроризм, ифротгарӣ, таъмини амнияти давлатӣ ва ҷомеа, баланд бардоштани иқтидори мудофиавии мамлакат ва ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ,баланд бордоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва зиракии сиёсии онҳо ҳиссагузор бошанд.

Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда,аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ҷинояткор буда, ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст. Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд,ки ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо иброз дошта ва онро боз такрор менамояд,ки мақсадҳои ғаразноки ин ҷиноятҳои мудҳиш ҳеҷ умумияте ба дин, аз ҷумла бо дини мубини Ислом надорад ва бо истифода аз номи Ислом ба хотири ҳадафҳои сиёҳу ғаразноки сиёсӣ содир карда мешавад.

Такроран бори дигар иброз намуданд,ки номи поки исломро бо зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст.

Муборизаи дастҷамъонаи мардуми мо ин эмин нигоҳ доштани сайёра, аз офати чунин ҷиноятҳои мудҳиш мебошад ва мо шаҳрвандони Тоҷикистон, мақомотҳои қудративу судӣ бояд бо ахлоқи хамида, рафтору кирдор ва ватандӯстиву ватанпарастӣ намунаи ибрати дигарон буда, бо чунин зуҳуроти номатлуб, терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, оштинопазирона муборизаи қатъӣ барем ва ватани азизамонро чун гавҳараки чашм аз чунин унсурҳо ҳимоя намоем.

**Р. РОЗИҚЗОДА,**
*судяи суди вилояти Суғд*

**Уфуқҳои илм**

# ЗОДАИ БАҲОРИ ИЛМ

Мо мехоҳем дар бораи ҳаёту рӯзгор ва кори пурфайзу бобаракати олими шинохтаю варзидаи илми генетика доктори илмҳои биология, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонов Пӯлод Ҷӯраевич сухан гӯем, саҳифаҳои бою рангин ва аз илму хирад саршори ин шахси оқилу наҷиб ва ҳалиму хоксорро варақгардонӣ кунем.

**УСТОД** П. Усмонов 7 майи соли 1935 дар шаҳри Конибодом дар оилаи зиёиёни муъътабар, ки ба халқу Ватан ҷонфидоёна хизматҳои шоистаю арзанда кардаанд, таваллуд шудааст. Падараш Ҷӯра Усмонов рӯзноманигор, омӯзгори варзида ва иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буда, модараш Ҳамро Усмонова ҳамчун ходими давлатӣ ваҷамъиятӣ дар ҷабҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Тоҷикистон суботкорона ва софдилона хизматҳои шоиста кардаанд.

П. Ҷ. Усмонов баъд аз хатми мактаби миёнаи №1-и ш. Душанбе, соли 1954 ба факултаи табиатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ ДДТ ба номи В.И. Ленин) дохил шуда, онро соли 1959 бомуваффақият хатм намудааст. Ҳамон сол, дар вазифаи дастёри калони озмоишгоҳи физиологияи растании Институти ботаникаи АИ ҶТ ба кор оғоз карда, соли 1960 ба аспирантура дохил мешавад. Таҳти роҳбарии илими барҷастаи илми генетика Н. В. Тимовеев-Ресовский ба кори олмӣ шурӯъ карда, соли 1965 оид ба мавзӯи "Таъсири ҳарорат ба барқароршавии хромосомаҳое, ки аз гамма-шуоҳо зарар дидаанд" рисолаи номзадӣ ва дар соли 1984 пас аз ба анҷом расонидани корҳои зиёди илмӣ рисолаи докториро дар мавзӯи "Тағйирнопазирии генетикии аломатҳои дастгоҳи фотосинтетикии растаниҳои дараҷаи олӣ" дифоъ карда, ба гирифтани унвони доктори илми биология аз рӯи ихтисоси генетика шарафёб мешавад.

Ӯ бо донишу хиради волои худ, дар илм шахси тасодуфӣ набуда, бо саҳеҳкорӣ, дақиқназарӣ ва маҳсули зиёди илмии худ, на танҳо дар соҳаи генетика ва дигар илмҳои биологӣ, инчунин оиди ба масъалаҳои мубрами дигар соҳаҳои илми табиатшиносӣ ва гуманитарӣ ҳусни таваҷҷуҳ дошта, оиди масъалаҳои баҳсталаби таъриху фарҳанги бостонӣ, физика, философия, космогония (кайҳоншиносӣ) низ нуқтаи назари худро дошт. Ва ҳамчун устоди нотакрор, нуктаандешу варзида, солҳои тӯлонӣ дар факултаи биологияи ДМТ кору фаъолият карда, аз фанни генетика бо лексияҳои пурмазмуну шавқовараш дар байни профессорону устодони варзида ва донишҷӯёни ин факулта соҳиби эътибору обрӯи хоса буд. Аз ҳамин лиҳоз, соли 1995 ба дарёфти унвони профессори кафедраи биохимияи донишгоҳи мазкур шарафманд гардид.

Хизматҳои баландпояи илмию амалии П.Ҷ. Усмоновро ба назар гирифта, ӯро соли 1985 узви вобаста ва соли 1997 узви пайвастаи АИ ҶТ интихоб менамоянд. Ӯ дар Тоҷикистон ягона шахсест, ки бо тавсияи кафедраҳои генетикаи ДМТ ва Донишгоҳҳои калонтарин ва бонуфузтарини Русия (шаҳрҳои Москва ва Санкт-Петербург) соли 1990 ба унвони профессори илми генетика мушарраф гардидааст. Теъдоди мақолаву асарҳои илмиаш зиёда аз 250-то буда, ба масоили мухталифи генетикаи радиатсионӣ, генетикаи пахта, генетикаи умумии растанӣ, экология ва биологияи кайҳонӣ бахшида шуда, ба ҷабҳаҳои гуногуни соҳаҳои ин илмҳо бо роҳҳои илмӣ-амалӣ равшанӣ андохта, дар пешбурди илмҳои мазкур саҳми пурфайзу пурбаракати хешро дорад.



*Пӯлод Ҷӯраевич дар иҳотаи собиқ роҳбари аввали Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Қ. Маҳкамов, собиқ президенти АИ ҶТ М. С. Осимӣ ва собиқ ноиби президенти АИ ҶТ П. М. Саложенкин.*

Моҳи апрели соли 1986 П.Ҷ. Усмонов дар вақти рӯй додани ҳодисаи мудҳиши Чернобил ҳамчун мутахассиси варзидаи соҳаи радиобиология, барои бартараф намудани оқибатҳои даҳшатовараш ба он ҷо даъват карда шуд. Дар он ҷо ӯ зиёда аз як моҳ дар сафари хизматии илмӣ-амалӣ, кору фаъолият кард. Охирин мақолаи навиштаи ӯ низ дар бораи фоҷеаи даҳшатбори Чернобил буда, бо номи "Чёрная быль о Чернобыле" (Рӯзи сиёҳи Чернобыл), ки 25 апрели соли 2002 дар ҳафтаномаи "Азия плюс" дар арафаи солгарди фоҷеаи даҳшатовар, нашр гардид. Ва П.Ҷ. Усмонов ҳамчун мутахассиси варзида, оқибатҳои даҳшатовари ин садамаро таҳлил карда, барои бартараф намудани оқибатҳои он маслиҳатҳои судманд дода буд.

Ҳамин тавр, хизматҳои шоёни П. Ҷ. Усмоновро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътибор гирифта, тадқиқоти пурарзиши илмии ӯро бо Ифтихорномаю Раҳматномаҳо ва ордену медалҳо қадрдонӣ кардааст. Соли 1996 ба ӯ унвони фахрии "Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон" дода шуд.

13 сол пеш профессор П.Ҷ. Усмонов ҳаётро падруд гуфт. Вале заҳматҳои ҷонфидоёнаи ӯ, тадқиқоту натиҷаҳои пурарзиши илмиаш чашмасон номи неки ин устоди ҳалиму дурандеш ва хоксору покизаниҳодро дар дили ҳамкорон, шогирдон ва аҳли илм зиндаву ҷовид нигоҳ хоҳад дошт.

**М. ЁҚУБОВА,**
*узви пайвастаи АИ ҶТ,*
**Х. АБДУЛЛОЕВ,**
*узви вобастаи АИ ҶТ,*
**Б. ҶУМЪАЕВ**
*ва* **М. НӮЪМОНОВ,**
*докторони илми биология*

# БРИГАДАИ АВВАЛИНИ РОҒУН ВА СУЛОЛАИ НАҚБКАНОН

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

**Дар ин ҷаласа дигарон ҳам сухан гуфтанд, умуман дар он бисёр ҳарфу ҳиҷоҳо радду бадал шуданд. Вале Ғиёсиддин дигар ягон ҳарфу суханро нашунид. Фақат суханони муҳандис Шулга мағзи сари ӯро фаро гирифта буд. Оҳиста-оҳиста ин суханон ба тамоми ҷисму ҷон ва ба саропои вуҷуди он таъсир расониданд. "Чаро мо, тоҷикон дар корҳои вазнини зеризаминӣ кор карда наметавонистаем? Чӣ тавр мешудааст, ки ҳама кор мекардаанду мо не. Барои чӣ нерӯгоҳи Роғун дар диёри мо бунёд мегардаду дар он мутахассисони тоҷик каманд ё умуман нестанд? Чаро мо намедонем, ки нақб чист ва онро чӣ тавр месозанд?"**




**БА ҳамин** минвол "чаро"-ҳои зиёде майнаи ӯро гиҷ карда буданд ва Ғиёсиддин ба ин саволҳо ҷавобҳои муносиб ёфта наметавонист. Чандин шабу рӯз дар ин хусус андеша намуд ва ба ҳамин фикру андешаҳо салоҳ дид, ки бригадаи комсомолону ҷавонон ташкил бикунаду бо ин бригада дар сохтмони оламшумул ширкат варзад. Зарур бошад, бо ҳамкорон касбҳои нақбканӣ, бетонрезӣ, таркишгариро омӯзанду дар сохтмон иштирок намоянд ва дар ободии мулки азиз саҳм гузоранд ва аз ҳама муҳимаш собит созанд, ки тоҷикписарон ҳам дилу ҷигар доранд, гурда доранд ва мисли намояндагони дигар халқу миллатҳо кор карда метавонанд.

-Рости гап, барои ҷамъ овардани аъзои бригада ба деҳаҳои зиёд нарафтаам, - ҳикоя мекунад Ғиёсиддин, - аз қишлоқи худамон Фатҳобод ва қишлоқи ҳамсоя Меҳробод понздаҳ нафар ҷавононро пайдо намудам. Ҳамаи онҳо хизмати аскариро адо карда, ба истилоҳ, ҷавонони хондагии говҷигар буданд, вале аксарашон кор намекарданд. Инҳо додарам Саид, ҷӯраҳоям Сайфулло Раҳмонов, Абдулвоҳид Одинаев, бародарон Мурод ва Амир Саидовҳо, Ашӯралӣ Раҳмонов, Маҳмуд Абдулов ва дигарон буданд. Ба ҳар яки онҳо эътимод доштам. Амир дар ҷанги Афғонистон иштирок намуда, дигарон ҳам обутобёфта буданд. Ҳабдаҳуми декабри соли ҳаштоду чорум дар ҳавлии мо ҷамъ шудем, ин рӯз нағз дар хотирам ҳаст. Сонӣ ҳамин санаро рӯзи ташкилёбии бригадаамон ҳисобидем. Ҳоло фурсату имкони мувофиқ фаро расад, ҳабдаҳуми декабри ҳар сол бо навбат дар сари дастархони яке ҷамъ мешавем. Ҳамон рӯз ҳамаамон дар ҳавлии падари ман аҳд намудем, ки бикӯшему аз таҳти дил кор кунем ва парчами мардонагиро баланд афрозем, лекин ба сустию безардагӣ зинҳор дил набозем.

Рост ба комитети комсомоли ноҳия омадем. Моро котиби якуми ҳамонвақтаи созмони ҷавонон Тоҷинисо Носирова қабул намуд ва мақсадамонро фаҳмида, бисёр хурсанд шуд.

Пас аз чанд муддат маҷлис барпо гашта, дар он котиби якуми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия, раиси комиҷроия, сарвари собиқадорони ҷангу меҳнат, роҳбари созмони ҷавонони сохтмони нерӯгоҳи Роғун ширкат варзиданд ва ташаббуси ватандӯстонаи моро табрик намуданд. Хосатан раиси собиқадорони ҷангу меҳнат ба кори мо фотеҳа дода, барори кор хост ва роҳи сафед талаб намуд.

Баъд ба мо роҳномаи созмони ҷавонон, билети комсомолӣ, дафтарчаҳои меҳнатӣ ва 30-сӯмӣ сафархарҷӣ доданд.

Моро ба автобуси махсус савор карданд, ки он таҳти мусиқӣ ба роҳ даромад. Сарвари созмони ҷавонони сохтмони нерӯгоҳи Роғун Мурод Исломович Саъдуллоев ҳамроҳи мо буд. Ӯ моро то хобгоҳи бинокорон роҳбаладӣ намуд.

Он вақт роҳбари сохтмони нерӯгоҳи Роғун Башмаков Вячеслав Михайлович ва муовини ӯ Малахов Александр Александрович буданд, ки ҳар ду ҳам дар эъмори нерӯгоҳи Норак саҳми бориз доштанд.

Роҳбари сохтмон бо аъзои бригадаи нахустини комсомолону ҷавонон суҳбат намуд:

-Албатта, ба ташаббуси шумо роҳбарони ноҳия бовар карда, бо суханони табрикотӣ ба ин ҷо гуселатон кардаанд. Ман ҳам шуморо муборакбод мегӯям ва орзу дорам, ки ҳамаатонро то ба анҷом расидани нерӯгоҳ дар майдони сохтмон бинам. Азбаски ҳоло касбҳои сохтмонӣ надоред, шумоёнро дар вазифаи бетонрезӣ ба кор қабул мекунем. Дониста бошед, ки дар сохтмони нерӯгоҳ бетонрезӣ яке аз касбҳои асосӣ ҳисоб мешавад. Инро ҳам фаҳмед, ки агар кас понздаҳ сол бо ин касб машғул шавад, пас бетонрези ҳақиқӣ шуда ба камол мерасад. Барои ҳамин ин касбро саҳл магиред. Ба қарибӣ мо курсҳои кӯтоҳмуддати нақбканӣ, пармагарӣ, таркишгарӣ, бетонрезӣ, кафшергарӣ ташкил мекунем, мувофиқи майлу хоҳишатон дар ин курсҳо мехонед, касбу ҳунар меомӯзед. Таҳсил бепул аст, пас аз хондан имтиҳон супорида, соҳиби ҳуҷҷат мешавед. Бо ин ҳуҷҷат шумо метавонед, ки тамоми умр кор кунед, дар Тоҷикистон минбаъд нерӯгоҳҳои бисёр сохта мешаванд.

Баъд Башмаков дар анҷоми суханаш гуфт, ки коргарони ҷавон тӯли панҷ рӯз бояд аз дарси бехатарӣ сабақ бигиранд.

Хоҳиш дорам, ки дарси бехатариро бо диққат ва ҳавсалаи том омӯзед, - таъкид намуд Вячеслав Михайлович, - донистани ин донишу маълумот барои шумо ва атрофиён ба таври ҳамешагӣ заруранд.

Ба ҳамин минвол кулли корҳои расмиёт ба фарҷом расиданд ва аъзои бригада бо сарварии Ғиёсиддин рӯзи нахустин ба коргоҳ омаданд. Он рӯз ҳаво сард буда, дар рӯи замин тӯдаҳои ғафси барф мехобиданд. Ҷавонон бори аввал бояд ба остонаи нақб қадам мениҳоданд. Нақби якуми сохтмонӣ тақрибан чорсаду панҷоҳ ё панҷсад метр канда шуда буд. Дар даромадгоҳи нақб шӯшаҳои ях овезон буданду якчанд қадам дарунтар вентилятор бо шиддат фаъолият дошта, даруни нақбро бо ҳаво таъмин менамуд. Мошинҳои вазнинбор дудҳои ғализ бароварда, ба ҳар тараф равуо доштанд. Садоҳои шӯру ғиреви нақбканону таркишгарон шунида мешуданд. Аз сақфи нақб чак-чаки об ҳамвора чакида, қатраҳои он ба кулоҳхӯди нақбканон тақ-тақ мезаданд, гӯё борони сел меборида бошад.


Ғ. ХОКИРОЕВ

Ғиёсиддин бо ду-се нафар аъзои бригадааш аз автобус фаромада, понздаҳбист қадам ба даруни нақб монду баъд ба ақиб нигарист, ки дигарон ҳанӯз аз автобус нафаромадаанд. Пас ӯ ба назди автобус баргашта, ба даруни он чашм андохт. Баъзе бачаҳо аз нишастгоҳи автобус маҳкам дошта меистоданд ва чунин ба назар мерасид, ки агар сар диҳанд, гӯё ба ягон вартае меафтода бошанд. Бале, нишастгоҳро хомӯшона дошта меистоданду натақашон намебаромад. Кадом як кас ғур-ғур кард, ки "ин ҷо худаш чӣ ҷой аст, аслан ҷой набудааст, гумроҳ шудем, чиба омадем?"

-Эй, бачаҳо, - гуфт Ғиёсиддин ин ҳолати ҳамкоронро мушоҳида карда ва пойи рости худро ба зинапояи автобус ниҳода, - гӯш кунед, нанг кардем, номус кардем, акнун ақаллан як сол аст, ним сол аст, бояд кор кунем. Моро бо дабдабаю дағдаға оварданд, пагоҳ -фардо дар рӯзномаҳо ҳам менависанд, ки ҳамин хел ташаббус нишон додем. Мувофиқи қавлу ваъдаи худамон амал накунем, ваъдахилофӣ мешавад, агар номардона гурезем, шармандагӣ хоҳад шуд. Пас суханони ҳамон мардаки рус дар маҷлиси комсомолӣ рост мебароянд. Албатта, боз дар маҷлисҳои дигар ҳам хоҳанд гуфт, ки "тоҷиконро бо тантана ба кори нақб овардем, вале аз тарс ба он ворид ҳам нашуда, аз назди даромадгоҳ рӯ ба гурез ниҳоданд, ба ин кор як рӯз ҳам тоб оварда натавонистанд", аз ин дида дигар шармандагӣ намешавад.

Ин дилдиҳӣ ва ба ҳамият хондани Ғиёсиддин ба ҷавонон таъсир бахшиданд ва онон ягон-ягон аз пайи сардорашон равон шуданд. Ғиёсиддин роҳномаи кори аз шӯъбаи кадрҳо гирифтаашро ба дасти сардори қитъа супурд. Сардори қитъа ба варақа назар фиканду хушҳолона гуфт:

-Аъзои бригадаи бетонрезон, марҳамат, ба дамгаҳи нақбканӣ, - ва илова намуд: - Аллакай як бригадаи бетонрезон машғули кор аст, шумо бо онҳо ҳамкор мешавед. Инженер Василев Дмитрий Иванович ба корҳоятон роҳбарӣ менамояд, мана, худи ӯ дар ҳамин ҷост, - сардори қитъа бетонрезони ҷавонро бо муҳандис шинос кард.

Дмитрий Иванович бо аъзои бригада даст дода мулоқот намуд.

Дар рӯзи аввали кор бригадаи комсомолону ҷавонони Ғиёсиддин Хокироев ду мошин бетонро дар деворҳои нақби сохтмонӣ хобонд. Муҳандис ба ҷавонон возеҳан нишон дод, ки дар бари деворҳои гулмехзада ва бо симтӯр пӯшида бетони шӯридаро чӣ тавр мехобонанд. Ба ҷавонони тануманди бригада ин вазифа чандон душвор нанамуд, зеро онҳо бачаҳои рустоӣ ва хизмати аскариро адо карда буданд ва дасту панҷаҳои гиро доштанд. Ҳамин тавр онҳо оҳиста-оҳиста ба корҳои бетонрезӣ балад шуда, дар нақби якуми сохтмонӣ машғули меҳнат мегардиданд. Дар байнашон бачаҳое ҳам буданд, ки сахт дудила мешуданд ва дар ҷустуҷӯи ягон муҳандис ё коргари тоҷик нуқтаҳои дар зери замин будаи сохтмонро аз назар мегузарониданд. Агар ягон тоҷики дар корҳои зеризаминӣ таҷрибадорро биёбанд, пурсидан мехостанд, ки оқибати кори онҳо чӣ тавр хоҳад шуд ва оё бригадаи махсус ташкил карда, ба ин ҷо омаданашон дуруст аст ё не? Лекин онҳо ягон нафар тоҷики таҷрибадорро ёфта наметавонистанд.

Сардори қитъаи кор боре ба ҷавонони бригада чунин табсира дод:

-Ин ҷо ҷойи тоҷикон нест, онҳо дар чунин ҷой кор карда наметавонанд.

-Вақте ки ин суханонро шунидем, - мегӯяд Ғиёсиддин, - сара хам карда, гапа кам карда, даст ба кор задан гирифтем. Бачаҳо ба кор часпидан гиред, дар сар ҳар хел фикрҳои мағшуш пайдо намешаванд, - дилдиҳӣ медодам ба ҳамкорон, - охир дар нақб мо танҳо нестем, дигарон ҳам ҳастанд, ҷони мо ҷон бошад, ҷони онҳо ҳам ҷон аст, ширин аст.

Ҳамин тавр моҳи аввали кори бригадаи комсомолону ҷавонон дар эъмори нақби якуми сохтмонӣ сипарӣ гардид. Бегоҳӣ онҳоро ба идораи муҳосиба даъват намуда, ба дасти ҳар якашон як бандча сесӯмӣ супурданд. "Ин маоши моҳи аввалатон" гуфтанд ба онҳо. Сесад сӯми маош дасту дили ҷавононро гарм намуд. Инро фаҳмида Ғиёсиддин бегоҳӣ дар хобгоҳ бо ҳамкорон суҳбат орост.

-Бародарон, ба ҳамаатон маълум аст, ки колхозчиён ё коргарони совхозҳо як моҳи дароз кор карда, ҳафтод- ҳаштод сӯм маош мегиранд, ба мо дар ин ҷо 300-сӯмӣ моҳона доданд, ҳол он ки касбу ҳунари нақбсозӣ надорем. Мутахассис нестем, навкорем, лекин ин қадар пул гирифтем. Акнун кӯшиш карданамон зарур аст, ки соҳиби касбу ҳунар шавем, баъд мебинед, ки бо меҳнати худ ба халқу Ватанамон бештар манфиат мерасонем ва албатта, маошамон ҳам зиёд мешавад.

*(Давом дорад)*

**Саидкули ҚУРБОН,**
**Бахтёри МУРТАЗО**

Минбари халқ
6 майи соли 2015,
№19 (998)

# ПОРТРЕТИ ЯК СИЁСАТМАДОРИ БУЗУРГ

**Аз рӯзи мавлуди ин чеҳраи шинохтаи сиёсат 92 сол сипарӣ мешавад, аз маргаш низ 13 сол гузашт, вале ҳанӯз дар бораи ӯ зиёд ҳарф мезананд... Кору пайкори ин шахси наҷибро ба силки таҳқиқ мекашанд. Аммо новобаста аз назарҳои мусбату манфӣ доир ба фаъолияти ин сиёсатмадори барҷаста, ҳама икрор мекунанд, ки наҷоти миллати Озарбойҷон ба номи ин шахс - Ҳайдар Алиев вобаста аст.**

Ҳайдар Алиев дар оилаи як коргари оддии роҳи оҳан, дар шаҳри музофотии Нахичевани Озарбойҷон таваллуд ёфтааст. Хатмкардаи омӯзишгоҳи педагогии Нахичеван, Донишкадаи индустриалии Озарбойҷон ва Донишгоҳи Давлатии Озарбойҷон ба номи С.М. Киров. Солҳои тӯлонӣ дар хадамоти амният ва мақомоти ҳизбии ин кишвар фаъолият кардааст. То вазифаҳои Котиби якуми КМ Ҳизби коммунистии Озарбойҷон ва муовини аввали Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС (СССР) расидааст. Аз сафи теъдоди ангуштшумори роҳбарони ҷамоҳири Шуравист, ки номзад ба узвияти Бюрои сиёсии КМ ҲКИШ (КПСС) шуд.

Гурӯҳе ӯро атеисти ашаддӣ ва коммунисти содиқ мехонданд, гурӯҳи дигар миллатгарои асил… Вале худи ӯ дар яке аз мусоҳибаҳояш мегӯяд "Решаҳои ман аз дини мубини ислом обишхур доранд, миллатам бошад, озарбойҷонист, ман аз ин бениҳоят ифтихор дорам".

Аз дӯстони наздики сиёсатмадори маъруф Юрий Андропов буд. Соли 1969, вақте ки ба симмати роҳбарии Озарбойҷон мешинад, корро аз мубориза бо фасод оғоз мекунад. Аз се ду ҳиссаи вазирон, аз 10- 8 нафар аъзои Бюрои сиёсии КМ, аз 45- 37 нафар котибони ҳизбии ноҳиявиро ба иллати фасодзадагӣ аз вазифаҳояшон сабукдӯш месозад. Соли 1985 бо мақсади ислоҳот дар сафи ҳизб номзадии Михаил Горбачевро ба вазифаи Котиби Генералии КМ ҲКИШ дастгирӣ мекунад, вале баъдтар тахти фишори ӯ аз вазифааш истеъфо медиҳад. Шахсеро, ки бо фасод муборизаи беамон мебурд, ба фасодзадагӣ айбдор мекунанд.

Сардори идораи Шӯрои Вазирони ИҶШС Михаил Смиртюков дар хотираҳояш менависад: "Шикояти зиёд аз болои ӯ ба КМ ворид мешуд. Як теъдод бо имзо ва теъдоди дигар бидуни имзо, яъне "анонимка"… Нахуст дар бораи ин мактубҳо ба Н.А. Тихонов (Раиси Шӯрои Вазирон) гузориш додам, вале ӯ дар ҷавоб гуфт "Гӯш кун, бо онҳо ҳарчи мехоҳӣ бикун, ихтиёрат. Ман ҳавсалаи бо ин кор машғул шуданро надорам" Ночор назди Ҳайдар Алиевич рафтам (Алиев ҳамон вақт вазифаи муовини аввали Раиси Шӯрои Вазиронро ба зимма дошт). Мактубҳоро болои мизаш гузоштам. Ӯ мактубҳоро мехонд ва зери лаб мегуфт "Дуруст, инашро ман ҳабс карда будам, инаш бошад найрангбоз ва аризанависи гузаро, ана инашро барои камбудиҳо аз вазифа сабукдӯш карда будем… Бале ҳамааш дуруст". Гуфтам, ки метавонад мактубҳоро гирад, вале ӯ инкор кард. "Лозим нест,- гуфт. Баред, агар зарурат бошад, санҷед." Як чиз то ҳанӯз барои ман ҳайратовар аст. Агар шахси дигаре ба ҷои Ҳайдар Алиевич мебуд, ҳатман ин мактубҳоро гирифта маҳв мекард. Вале ӯ аз ин кор ҳазар кард …" Баъдтар ҳамин мактубҳо сабаби фишор аз ҷониби М.С. Горбачев ва истеъфои Ҳайдар Алиев мешаванд.

Соли 1990 Ҳайдар Алиев ба Ватан бармегардад. Вазъи сиёсии Озарбойҷон ба иллати даргириҳои Қарабоғ хеле ноором буд. Ӯ ба нишони эътироз алайҳи сиёсати ғаразноки роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ нисбат ба Озарбойҷон сафи Ҳизби Коммунистро тарк мекунад.

Сиёсати роҳбари онвақтаи Озарбойҷон Абулфазл Элчибей ин кишварро ба ҳолати парокандашавӣ оварда буд. Ҳайдар Алиев маҷбур мешавад, ки дубора ба саҳнаи сиёсат баргардад. Ин роҳи пурмашаққати ӯ аз интихоб ба вазифаи Раиси Шӯрои Ҷумҳурии мухтори Нахичеван оғоз меёбад. Соли 1993 ба вазифаи Раиси Маҷлиси Миллӣ ва худи ҳамон сол Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон интихоб мешавад. Бозгашти дубораи ин шахсияти бузург ба сиёсат имкон дод, ки Ҷумҳурии Озарбойҷон аз вартаи ҷанги бародаркуш ва хатари маҳвшавӣ раҳо ёбад.



Солҳои навадуми қарни гузашта вазъияти сиёсии аксари кишварҳои пасошӯравӣ хеле ба ҳам шабоҳат доштанд. Гӯё сенарияи нооромиҳои ин кишварҳо ба қалами як муаллиф тааллуқ доштанд. Вале, хушбахтона, ду шахсияти бузург, ду сиёсатмадори варзида, дар Тоҷикистону Озарбойҷон тавонистанд, ки алайҳи ҳама гуна сенарияҳои тарҳрезишуда истодагарӣ кунанд ва миллату давлати хешро аз маҳвшавӣ наҷот диҳанд. Яке аз ин номварон, дар он вақт ҳанӯз сиёсатмадори ҷавон, вале имрӯз яке аз чеҳраҳои шинохтаи сиёсӣ ва пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон аст. Дигаре сиёсатмадори ботаҷриба ва шинохта Ҳайдар Алиев мебошад, ки ваҳдату якпорчагӣ ва пешравию шукуфоии Озарбойҷони имрӯзаро ба номи ӯ марбут медонанд …

Имрӯз мардуми Озарбойҷон бо тасмими нек, бахри ободии кишвар реҷаҳои нав ба нав мекашад, бо истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, хоса нафту газ, дар арсаи байналмилалӣ беш аз пеш мавқеи муҳим пайдо мекунад, саноату кишоварзии кишвар дар ҳоли рушд аст, ва ин ҳама ба шарофати ҷонсипориҳои Ҳайдар Алиев, ки барои ба сулҳу ваҳдат расондани кишвар ва сиёсати дурандешонаи ӯ амали шудаанд. Кору пайкори ӯро имрӯз фарзанди арзанда ва шогирди асили ӯ, Илҳом Алиев идома медиҳад, ки тавсеабахши корҳои бузурги падар аст.

**Б. ҲАМДАМ**

**Ба барқароршавии робитаҳои дипломатӣ миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Озарбойҷон 23 сол пур мешавад. Ҳарчанд миёни ду кишвари дӯсту бародар 29 майи соли 1992 робитаҳои дипломатӣ барқарор шуда бошад ҳам, тоҷикону озариҳо аз қадимулайём бо якдигар пайванди хешутаборӣ доштанд. Мардуми Озарбойҷон мисли бародарони тоҷики худ осори Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Аттору Низомии Ганҷавиро дӯст медоранд. Тоҷикон бошанд чун бародарони озариашон сурудҳои Пӯлод Булбул оғлӣ, Назокат Мамедова, Зайнаб Хонларова ва дигар ҳунарпешагони озариро меписанданд.**

# АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТИ МУОСИРИ ОЗАРБОЙҶОН

Дар Тоҷикистон ҷамъияти озарбойҷониҳо амал мекунад, ки тақрибан 4000 нафар аъзо дорад. Як қисми онҳо солҳои 20-30-юми асри гузашта бо мақсади ҳисса гузоштан дар "маҳви бесаводӣ"- и мардуми Осиёи Марказӣ омада бошанд, қисми дигар замони таъқиботи сталинӣ дар Тоҷикистон сарпаноҳ ёфтанд. Солҳои 1930-1933 Мирзодовуд Ҳусейнови озарбойҷонӣ роҳбарии Тоҷикистонро ба уҳда дошт.

Соли 2007 дар шаҳри Душанбе Сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон ифтитоҳ ёфт. Як сол баъд Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Озарбойҷон фаъолияташро оғоз кард.

Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои ҳар ду кишвар мушкил омад. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, бархӯрдҳои низомӣ дар Қарабоғи Кӯҳӣ, вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳарду ҷумҳуриро душвор карда буд. Ба хости Худованд дар чунин айёми душвор дар ҷумҳуриҳо сарвароне интихоб шуданд, ки тавонистанд ба бӯҳрони сиёсӣ хотима бахшанд. Номи Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббускори сулҳу ваҳдату оромӣ дар Тоҷикистон ва Ҳайдар Алиев ҳамчун меъмори Озарбойҷони муосир дар сафҳаи таърих сабт гардид.

Соли 1997 зимни иштирок дар Нишасти VIII сарони кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ дар шаҳри Теҳрон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳайдар Алиев бо ҳам мулоқот карданд. Сиёсатмадори собиқадор Ҳайдар Алиев ба Эмомалӣ Раҳмон аз дастгирии мавқеъҳои ҳамдигар дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ изҳори қаноатмандӣ карда, хоҳони идомаи ҳамкориҳои самаранок миёни ду кишвари бародар гардид.

Тоҷикистон тағйирот ба лоиҳаи эъломия "Дар бораи ҳамкории СММ ва САҲА (ОБСЕ) солҳои 1996-1999-ро, ки мансубияти Қарабоғи Кӯҳӣ ба Ҷумҳурии Озарбойҷонро тасдиқ мекунад, дастгирӣ намудааст.

Ҳамкориҳои дуҷонибаи сатҳи баланд, ки Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳайдар Алиев ба он асос гузошта буданд, то имрӯз бомаром идома дорад. Соли 2007 зимни ба Сардори давлатамон Эмомалӣ Раҳмон супурдани ҷоизаи Олии Ҷумҳурии Озарбойҷон - ордени "Ҳайдар Алиев" Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев бо самимият гуфта буд: "Мо Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун ходими намоёни давлат, ки дар ҷаҳон обрӯи баланд дорад, мешиносем. Ҳамчун шахсе, ки дар лаҳзаҳои мушкилтарин барои Тоҷикистон ва мардуми тоҷик сар вари мамлакат шуда, онро аз вазъи мушкил, бесарусомонӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба роҳи тараққиёту созандагӣ ворид намуд… Мо ҳамчунин Шуморо чун дӯсти кишвари худ мешиносем. Шумо бо пешвои бузурги давлати Озарбойҷон Ҳайдар Алиев фаъолона ҳамкорӣ намудед. Маҳз фаъолияти муштараки Шумоён буд, ки ҳамкории самараноки дуҷониба ба роҳ монда шуд".

Эмомалӣ Раҳмон ба қадрдонии роҳбарияти Озарбойҷон изҳори сипос намуда гуфт: "Мо ҳамкориро дар ҳамон самте, ки ҳанӯз дар замони сарварии Ҳайдар Алиев оғоз карда будем, идома медиҳем. Воқеан Ҳайдар Алиев сиёсатмадори хеле хирадманд буд. Ман ҳамеша кӯшиш мекардам, ки дар он айёми барои халқу мамлакатамон душвор доир ба бисёр масъалаҳо бо Ҳайдар Алиев маслиҳат намоям. Аз ҳамон лаҳзаҳо мо робитаҳои хуби ҳамкориро ба роҳ мондем. Дӯстии мо бо Озарбойҷон идома ёфта, ҳамкориҳои дуҷонибаамон рушд хоҳад кард".

Эмомалӣ Раҳмон зимни як сафари расмиаш ба Озарбойҷон, ки 13 августи соли 2007 сурат гирифт, ба Фонди Ҳайдар Алиев ташриф овард. Сардори давлатамон ҳангоми ошноӣ бо ҳуҷҷат ва экспонатҳои пешвои умумимиллии Озарбойҷон дар ҳаққи Ҳайдар Алиев чунин гуфт: "Номи ӯ бо ватанаш пайванди ҷовидонӣ дорад. Гулгулшукуфӣ ва пешрафти Озарбойҷони соҳибихтиёру мустақил, ба эътидол даромадани вазъи иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар, хаста нашуда ҷустани роҳҳои истиқрори сулҳ дар минтақа Ҳайдар Алиризо оғлиро дар тамоми ҷаҳон обрӯманду соҳибнуфуз гардонд. Фаъолияту хизматҳои ӯ абадан дар ёди озарбойҷониҳо ва тамоми инсоният боқӣ мемонад".

Ба ҳамтои озарбойҷониаш чунин баҳои баланд додани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бесабаб нест. Ҳайдар Алиев ду давра (солҳои 1969-1982 ва 1993-2003) роҳбарии Озарбойҷонро ба уҳда дошт. Дар давраи аввали роҳбариаш Озарбойҷон аз як ҷумҳурии оқибмондаи аграрӣ ба ҷумҳурии аграрӣ-саноатӣ табдил дод.

Иқтидори саноатии Озарбойҷон дучанд боло рафт. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ 313 корхонаи саноатӣ сохта шуд. 350 номгӯй маҳсулоти Озарбойҷон ба 65 кишвар содир мегардид.

Маҳз дубора солҳои навадум роҳбари Озарбойҷон шудани Ҳайдар Алиев кишварро аз бесарусомонӣ наҷот дод. Соли гузашта дар маросими 91-солагии Ҳайдар Алиев вакили Маҷлиси миллии Озарбойҷон Бахтиёр Содиқов чунин гуфт: "Хизматҳои лидери умумимиллӣ Ҳайдар Алиев дар назди миллат ва мардуми Озарбойҷон бениҳоят калон аст. Ӯ бешак асосгузори давлати муосири Озарбойҷон мебошад, зеро ҷумҳуриро маҳз ӯ аз фаношавӣ раҳо намуд".

10-уми май ба зодрӯзи Ҳайдар Алиев 92 сол пур мешавад. Ҳар як озарбойҷонӣ барои ба давлати пурқувват мубаддал гардидани кишвари худ аз пешвои умумимиллӣ Ҳайдар Алиев сипосгузор буда, хотирашро пос медорад.

**С. СУННАТӢ**

# ШОИРЕ БО ТАҚДИРИ

## ШИКАСТА ВА ҒУРУРИ ШОИСТА



*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

Ғаффор дар поёни сухан пешниҳод кардааст, ки хуб мешуд агар номзадии ин касро барои вакил шудан пешниҳод ва дастгирӣ кунем.

Шукуров гуфт: - Ман, ки онҷо раёсати маҷлисро бар уҳда доштам, дар ҳолати ногуворе афтодам. Бисёриҳо шояд гумон карданд, ки ин донишҷӯро махсус тайёр карда бошам, аммо чунин набуд. Ба ҳар ҳол ба ин далел, ки ин донишҷӯи мо ҳоло ҷавон асту ба баъзе нозукиҳо сарфаҳм намеравад, маҷлисро ба тарафдорӣ аз номзади пешбаришуда ба поён расондем.

…Ҳамсуҳбатам лаҳзае сокит монд. Ҳис кардам, ки ёдоварӣ аз ин воқеаҳо хотироташро ба гузаштаи дур бурд. Бо гӯшаи чашм ба диктофони рӯи миз зеҳн мондам, чашмакаш сурх буд ва ин маънои онро дошт, ки суҳбати мо бе кадом мушкил сабт мешавад. Пиёлаи чойе, ки муаллима дар оғози суҳбат рехта пешам гузошт, дар паҳлуи дастгоҳи сабт кайҳо сард шуда буд.

-Борҳо шунидаам, ки ошкор суҳбат кардан аз одати муаллим будааст ва қиссаи донишкада шояд аз садҳо яке бошад…

- Бале, ин гуна ҳолатҳо дар ҳаёти муаллим хеле зиёд буд. Ҳар боре, ки ягон маҷлис чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷ мешуд, пешакӣ мақомот ба Ғ.Мирзо таъкид мекарданд, ки ҳар хел гап назанад.

Боре дар чунин як сафар ба Маскав, ки ҳайате иборат аз Мирзо Турсунзода, Ғаффор Мирзо, котиби КМ-и ҳизби коммунисти Тоҷикистон Ибодат Раҳимова, ва чанд нафари дигар буд, бар асоси барномаи муаллим ҳам дар як толори бузург бояд суханронӣ мекарду шеър мехонд. Аммо қабл аз ҷаласа Раҳимова ба Ғ. Мирзо гуфтааст, ки вақт хеле кам асту ту баромад намекунӣ.

Муаллим одати зуд ранҷидан ва тез шуданро доштанд. Аз ин сабаб бо Раҳимова баҳс кардааст, ки агар чунин буд, пас маро аз ин қадар роҳи дур барои чӣ гирифта овардаанд?!

Росташро бояд гӯям, ки ин воқеа сабаби асосии аз ҳизб хориҷ шудани Ғ. Мирзо шуда буд, агарчӣ овозаҳое паҳн карданд ва гапи бисёре дар байни мардум шуд, ки гӯё Ғ. Мирзо зидди Турсунзода буд. Ин гапу калочаҳо аз ҳақиқат дур аст.

Ғ. Мирзо ва Мирзо Турсунович ҳамеша ва то охирин нафаси устод ёру рафиқ буданд. Ҳеҷ хусумат ва душманӣ ба ҳам надоштанд.

Дар пайи баҳс бо Раҳимова ба далели ин ки аз рӯихати баромадкунандаҳо дар ин маҷлиси бошукӯҳ номашро хат зада буд, муаллим дар ҳолати қаҳр ва шигифт мактубе бо чанд ҷумлаи эътирозӣ навишта ба почтаи КМ-и ҳизб партофтаанд.

Ба гуфти худи муаллим, дар ин мактуб аз чунин тарзи муносибат норозигӣ баён карда, пурсидааст, ки масъулони ҳизбӣ ва Мирзо Турсунович то кай ба ӯ чунин муносибатро раво мебинанд ва азобаш медиҳанд.

Дар рӯзи дуввуми он чорабинӣ боз ҳам Раҳимова гуфтааст, ки имрӯз ба ту ҳам навбат медиҳем ва метавонӣ шеъратро хонӣ, шеърат, ки бисёр дароз буд, барои ҳамин дар барномаи рӯзи аввал сухан надодем.

Муаллим дар омади гап гуфтаанд, ки ҳар бор шумо маро аввал азоб дода баъд ба минбар роҳ медиҳед.

Номаи Ғ. Мирзо ба КМ-и ҳизби коммунист ба гуфти худашон, аз чанд мисраъ шеър иборат будааст.

Ба дунболи бозгашти ҳайат аз Маскав он номаи шикоятиро аз КМ барои чораҷӯӣ Душанбе фиристодаанд.

Дар КМ-и ҳизби коммунисти Тоҷикистон номаро ба кормандашон Холмурод Шарифов додаанд, ки ба он шинос шуда, чора бинад. Ин кас, ки он вақт вазифаи мудири бахши таблиғи КМ-ро ба уҳда доштанд, бо мо ҳамсоя буданд. Мо ҳама дар маҳаллаи Қараболо дар хонаҳои нависандагон мезистем.

КМ-и ҳизб ӯро роҳбари комиссияи тафтишотии ин номаи шикоятӣ таъин карда буд. Вазифаи ин комиссия дида баромадани тамоми фаъолият, рафтору ахлоқи Ғ. Мирзо буд. Комиссия кофта-кофта маълум кард, ки муаллим чанд бори дигар ҳам чунин эътирозҳо карда будааст, дар ҳоле, ки худаш дар чандин маҷлису чорабиниҳои адабию фарҳангӣ ширкат накарда ва борҳо ин гуна маҳфилҳоро ба поён нарасида тарк кардааст.

Пас аз анҷоми кори комиссия номаи шикоятии Ғ. Мирзо ва натиҷаҳои тафтишро дар маҷлиси ҳизбии Иттифоқи нависандагон бояд муҳокима мекарданд.

Бачаҳоямон он вақт ҳанӯз хурд буданд. Ба андешаи ин, ки пас аз муҳокима ба сари оилаи мо чӣ меояд ва ҳоли фарзандонамон чӣ мешавад, пеш аз муҳокима дар маҷлиси ҳизбӣ ба хонаи Турсунзода, ки раиси Иттифоқ буданд, рафтам.

Мирзо Турсунович он солҳо ҳавлиашонро барои музей гузошта ба бинои барои Шӯрои вазирон сохта шуда ба кӯчаи Свириденко (ҳоло Бухоро) кӯчида буданд ва бо аҳли оилаашон дар як манзили чорхонагӣ мезистанд.

Вақте назди он кас рафтам, илтиҷо намудам, ки чӣ коре мехоҳед нисбати Ғаффор кунеду лекин аз ҳизб хориҷаш накунед. Таъкид намудам, ки боварии шавҳарам ба ин ҳизб хеле сахт буда, дар сурати берун шудан аз он ҳар коре бо худ карданаш мумкин аст.

Мирзо Турсунович, ки хонаводаи мо, падару модарамро медонистанду маро аз кӯдакиам мешинохтанд, гапҳоямро гӯш карда, дилбардорӣ намуданд.

Худашон дигар чизе нагуфтанд, лекин ҳамсараш, ки вақти суҳбат ҳозир буд, ба зарда гуфт, ки "Не, ин дафъа ин кас намебахшанд… "Ман бо ду кӯдак гирёну нолон аз хонаи Турсунзода берун омадам ва фаҳмидам, ки қарор дар бораи аз ҳизб хориҷ кардани Ғ. Мирзо пеш аз маҷлиси ҳизбӣ қабул шудааст. 3 ё 4 июли соли 1974 буд, ки маҷлис баргузор шуду Ғ. Мирзоро аз ҳизб хориҷ карданд. Ин чиз сахт дар ёдам мондааст. Чунки 8 июл ману бачаҳоям бояд ба осоишгоҳи нависандагони Шӯравӣ, воқеъ дар минтақаи Коктебели Қрим мерафтем.

Дидам, ки аҳволи муаллим баъди эъломи ин тасмим бисёр бад шуд. Гулбаҳорро пеши холаҳояш гузошта он кас ва ману писарамон Баҳодур ба Қрим рафтем.

Муҳаммадҷон Шукуров ҳам дар ин сафар ҳамроҳамон буданд. Ӯ ҳам ҳар сол барои истироҳат ба кори эҷодӣ ба ин осоишгоҳ мерафтанд.

Дар осоишгоҳ доим дар ташвиш будам, ба паси муаллим мегаштам, ки ягон кор накунад. Ҳатто агар ба майкада (бар)-и осоишгоҳ ҳам медаромаданд, аз пасаш мерафтам.

**...Ман бо ду кӯдак гирёну нолон аз хонаи Турсунзода берун омадам ва фаҳмидам, ки қарор дар бораи аз ҳизб хориҷ кардани Ғ.Мирзо пеш аз маҷлиси ҳизбӣ қабул шудааст.**

Сахт назорат карданамро дида муаллим маро бо номи духтарамон гирифта мегуфт: -Гулбаҳор, ин қадар назоратам мекунӣ, наход ман шахсе бошам, ки ягон кори кӯдакона кунам? Натарс, бачаи хуб мешавам, кори бад намекунам.

Вале ман медонистам, ки пас аз ҳизб хориҷ шудан бисёр шахсиятҳо чи корҳое намекарданд.

Берун шудан аз ҳизб дар он солҳо баробар ба ҳукми марг буд. Пеши кори каси хориҷшуда баста мешуд, аз маҳфилу чорабиниҳо ҳам кас берун мемонд.

Қарори маҷлиси ҳизбии Иттифоқи нависандагон дар ҷаласаи Бюрои КМ бояд тасдиқ мешуд. Ба тағйир ёфтани ин қарор мо дигар умед надоштем. Баътар шунидам, ки вақти муҳокимаи ин масъала Ҷаббор Расулов, ки Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон буданд, гуфтаанд, ки мо Ғ. Мирзоро аз ҳизб хориҷ мекунему лекин аз кор намегирем, китобҳояш ҳам дар фурӯш мемонад, чунки як шоири хуб аст, агар якбора ин ҳама корҳоро нисбаташ иҷро кунем, зарбаи сахт ба ҳунару эҷодаш мерасад. Баъд хоҳиш ҳам кардааст, ки аз ҳизб хориҷ кунед, вале ба шеъру шоириаш кордор нашавед.

Аммо аз Қрим гашта омадем, ки Ғаффорро аз кор ҳам гирифтанд. Соли 1974 Ғ. Мирзо 45-сола буд. Дар натиҷа марде дар ин синну сол, ки даврони авҷу камоли эҷодиаш буд, аз ҳама ҷо берун ва нодаркор шуда монд. Ғ. Мирзо хонашин шуд.

Дар ҳамон сол бояд ба вазифаи мудири кафедраи факултаи биологияи университет мегузаштам. Ман ҳам узви ҳизб будам. Гап-гап шуд, ки чӣ тавр шахсеро, ки шавҳараш аз ҳизб хориҷ шудааст, мудири кафедра таъин кардан мумкин бошад. Не, хайрият ба ман кордор нашуданду ба ин вазифа гузаронданд.

Аз ҳамон сол муаллим хонашин шуд. То он дам манзили мо пури меҳмон ва ёру рафиқон буд, вале ҳама якбора гӯё куҷое ғайб заданд. Аз Турсунзода сар карда, ҳамаи аъзои Иттифоқ дар рӯзҳои иду ҷашн ва зодрӯзҳо ба хурсандиамон шарик буданд ва дар маҳфилу нишастҳое, ки баргузор мекардем, иштирок мекарданд. Ва муаллим ҳам ба чунин нишасту маҷлисҳо даъват мешуданд. Аммо ҳама чиз ба назарам якбора канда шуд. Ҳатто худиҳое, ки аксар дар ҳамсоягии мо зиндагӣ мекарданд, бо хонаводаҳояшон дигар аз дари мо намедаромадагӣ шуданд. Вале ман дар донишгоҳ бо олимони ҷумҳуриҳои дигар, аз ҷумла донишмандони муассисаҳои илмии Русия равобити наздики корӣ ва дӯстона доштем. Аз ҷумлаи онон ҳар нафаре, ки ба Душанбе меомад, мо ба меҳмонӣ даъват мекардем ва бо хушнудӣ меҳмони манзили мо мешуданд.

Муаллим шукргузорӣ мекард ва мегуфт: - Хайрият шумову ин дӯстон ҳастанд, ки бо ташрифи худ, манзилмон рӯшан мешаваду дилам таскин меёбад.

Он солҳо Ф. Муҳаммадиев бо мо ҳамсоя буд ва ману ҳамсари он кас дугонаи наздик будем. Танҳо муносибати ӯ ва аҳли оилаашон бо мо тағйир наёфт, балки гоҳе эҳсос мекардам, ки онҳо нисбати мо боз меҳрубонтар шуданд.

Дар кӯчаю дар мактаб ҳам муносибат бо фарзандони мо дигар шуд. Фарзандони У. Раҷабу М. Қаноат, ки низ дар ҳамсоягиамон мезистанд, ҷою ноҷо Гулбаҳору Баҳодурро таъна мезаданд, ки падари шумо ину он… Инро хеле баъдтар фарзандонам ба ман гуфтанд.

Як масъалаи дигар буд, ки ҳеҷ фаромӯш намекунам. С. Улуғзода, ки аз дигар ҳамсояҳои мо каме пештар барои аз сафари хориҷа барнагаштани писарашон Азиз аз ҳизб хориҷ шуда буд, як рӯз ба хонаи мо омад.

Дар рафти суҳбат гуфт, ки Ғаффор бо таҳаммул бош, он чи ба сари худат омад, як тарафи масъала аст, ҳоло ин чиз ба сарнавишти фарзандонат ҳам мумкин таъсир мерасонад.

Ҳамон солҳо Гулбаҳор барои дохил шудан ба Институти адабии шаҳри Маскав тайёрӣ медид. Мутобиқи нақша як гурӯҳ аз ҷавонони тоҷикистонӣ ҳам бояд ба он дохил мешуданд. Духтарамон, ки ба русӣ шеър менавишт, барои бахши тарҷумонии ин донишкада худро омода мекард. Вай орзу дошт тарҷумони адабиёти тоҷик ба забони русӣ шавад.

Хушбахтона қарори аз ҳизб ронда шудани падар монеи иҷрои ин орзуи духтарамон нашуд.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

*(Давом дорад)*

**БА "МИНБАРИ ХАЛҚ" ҶАВОБ ОМАД**

# ТАНҚИД ХУБ АСТ,

## ВАЛЕ ПЕШНИҲОДИ САМАРАБАХШ ХУБТАР

**Маводи нависанда Ҳасан Юсуфи Файзбахш зери сарлавҳаи "Ҷамъкунӣ бо сӯзану боддиҳӣ бо панҷшох"-ро дар саҳифаи нашрияи ҳизбии "Минбари халқ" (№13, 25 марти соли 2015) мутолиа карда, аз як ҷониб эҳсоси хушнудӣ кардам, ки масъалаи танзими маросим ва расму оинҳо пайваста мавриди эътибори фарҳангиён чун муаллифи ин мақола қарор дорад.**

**АГАР** ҳамчун як шаҳрванди оддӣ рафти баргузории тӯю маъракаҳои мардумро мушоҳида мекардам, шояд ман низ андешаҳоямро танҳо таҳти таъсири таассуроти бардоштаам ифода карда метавонистам. Вале айни замон ман як нафаре мебошам, ки тӯли 4 соли охир ҳамчун мутасаддӣ дар самти танзими анъана ва ҷашну маросимҳо бори масъулият мекашам.

Муаллифи мақолаи болозикр бо ин навишта иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро то он ҷое зери шубҳа бурданд, ки гӯё дигар назорати риояи ин қонун ҷой надошта бошад.

Табиист, ки барои тадриҷан аз байн бурдани ин урфу одатҳои нолозим вақти муайян лозим буд. Ҳазорҳо сол инсоният пайи сохтмони ҷомеа ва зиндагии идеалӣ ҷамъиятро аз як шакл ба шакли дигар мубаддал менамояд. Вале то қол мо ба сатҳи он зиндагие, ки дар орзуяш ҳастем, нарасидаем, ҳарчанд ки дар ин ҳазорсолаҳо садҳо олимону мутафаккирон ба мисли Шумо нависандагон дар мавриди зиндагии барои мардумашон шоиста майна об накардаву асарҳо эҷод накарда бошанд.

Солиёни қабл аз қабули қонун дар бораи танзими маъракаҳо мардум то як ҳафта тӯй барпо менамуд. Пас аз қабули қонуни мазкур соҳибмаъракa ҳам аз ҳисоби вақт ва ҳам аз ҷиҳати дорой бурд кард. Тасаввур кардан душвор нест, ки агар мисли пеш дар маъракa издиҳоми зиёди одамони шиносу ношинос ва хабару бехабар меомаданд ва ҳолати маъракадорро табоҳ мекарданд, ин вазъ қариб пурра аз байн бурда шуд. Давомнокии тӯйҳо, ки пеш 3-4 рӯз ва аз ин ҳам зиёд идома меёфт, дар як рӯз маҳдуд гардид. Инро ҳар як соҳибмаъракa низ тасдиқ карда метавонад.

Як ҷанбаи мусбати Қонун он аст, ки нафаронеро, ки аз андоз саркашӣ намуда, аз ҳисоби маъракаи мардум дастмузд мегирифтанд, маҷбур сохт, ки андозро супоранд. Ин аст, ки пас аз амали ин Қонун пардохти андозҳо аз ҳисоби тарабхонаҳо ва ҳофизон барои хизматрасонӣ дар тӯю маъракаҳои шаҳрвандон ба миллионҳо сомонӣ расид.

Ҷашмандози муаллиф дар масъалаҳои ҳаҷ ва ҳоҷиён низ равшанӣ металабад.

Шукронаи Истиқлол мекунем, ки барои ба ҷой овардани яке аз 5 рукни дини мубини Ислом ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти динии мардуми мусалмон кишварамон давлат ва ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон шароит муҳайё сохт.

Дигар ин, ки моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ" ҳуқуқи шаҳрвандон ба адои ҳаҷ ва умраро мушаххас намудааст. Муаллиф баён дошта, ки мардум 2-3 маротибагӣ ҳаҷ карда, аз навиштаҳо чунин маъно бармеояд, ки гӯё равуои ҳаҷравандагон ҳамин тавр, бе ягон назорат ва ба қавли нависанда бо тобиши "бизнес" сурат мегирад. Ҳол он ки қонуни зикршуда, дар ин масъала низ муқаррароти худро дорад: нафаре, ки ҳаҷ кардааст, танҳо пас аз 5 соли сафари қаблӣ бори дигар ҳуқуқ пайдо мекунад, ки боз ба сафари ҳаҷ равад, бо истиснои баъзе ҳолатҳо аз қабили шахси маҳрам, ҳаҷи бадал, ҳамчун узви гурӯҳи корӣ, ба сифати роҳбалад ва зарурати хизматӣ.

Нависандаи азиз! Дар ниҳоят, бо такя ба мантиқ метавон гуфт, ки агар ҳар ҷисмеро дар кадом шакле, ки нагузорӣ, албатта дар як паҳлӯи он соя меафтад. Ба ҳар ҷӯйи наве, ки об меояд, дар аввал обаш тира аст, пас аз гузашти муддате оби он ҷӯй соф мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тадбирест, ки барои барҳам шикастани қолаби зеҳнии тӯли садсолаҳо дар афкори мардум шаклгирифта андешида шуда, аз шурӯъ ба оғози он муддати зиёде нагузаштааст.

Хуб мебуд, ки агар ҳар як фарди меҳандӯсту шаҳрванди масъулиятшиноси кишварамон ҷойи хӯрдагириҳо ва танқидҳо ҳиссиёти худро амалан нишон ва самти ифодаи фикрашро ба сӯи афкори созанда равона мекард. Ҳол он ки танқид илоҷи воқеа нест. Албатта, бархе танқидро омили пешравӣ медонанд, вале пешниҳоди як тадбири ҷолиб барои рафъи камбудиҳо нисбат ба танқидҳо самарабахштар аст.

**Нурулло ТУРСУНОВ,**
*мудири бахш оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода*


ҶАМЪКУНӢ БО СӮЗАНУ БОДДИҲӢ БО ПАНҶШОХ

**Таҳқиқот**

**Тибқи пурсиш созмони "Здоровье в России и мире" маълум кард, ки сокинони пойтахти Русия нисбат ба шаҳрвандони ҳама шаҳрҳои дигар бештар асабонӣ мешудаанд. Пизишкон сабабҳои онро дар низоъҳо дар ҷойҳои ҷамъиятӣ мебинанд, ки боиси асабонияти 80% касони пурсида будааст. Ба аксари онҳо аз ин моҷароҳо таъсири дардмандона доштаанд.**



# МУҲОҶИРОН ОМИЛИ БАДБАХТӢ НЕСТАНД

***Сабаби асосии шиддати асаби москвагиҳоро мутахассисон дар он мебинанд, ки ба аксари онҳо соатҳои зиёди вақти худро барои ба кор рафтан ва аз кор баргаштан дар роҳ сарф кардан зарур меояд. Барои сари вақт ҳозир шудан ба ҷойи кор, хеле барвақт аз хоб мехезанд. Занги соат барои аз хоб бедор кардан омили муҳимтарини харобкунандаи асаб маҳсуб ёфта, аз ин лаҳза онҳо ба ҳама гуна низоъ омода мешаванд. Ҷойҳои аз ҳама бештар ба ташаннуҷ оварандаи асаб метро, магоза, автобусҳо будааст. Сабаби дигари муҳим кӯчиши зиёди аҳолӣ буда, инчунин, муҳоҷирони меҳнатӣ дар Маскав ба ташвиш меовардааст.***

***Вале пажӯҳиши дигар натиҷаи ин пажуҳишро зери суол мегузорад. Созмони "INNOV.RU" сатҳи хушбахтии сокинони Русияро муайян намуд. Тибқи он, алъон 80% аҳолӣ худро хушбахт меҳисобидааст. Охири соли гузашта ин теъдод 10% камтар будааст. Ҳамагӣ 16% худро тамоман бадбахт меҳисобанд.***

***Дар байни онҳо аз ҳама бештар одамони серу пур (95%), шахсони маълумоти олидор (86%), ҷавононi аз 18 то 34-сола (85-86%) мебошанд. Атрофи 46% пурсидашудагонро хушбахтҳо иҳота мекунанд. 13% атрофиёни худро бадбахт ва 35% теъдоди хушбахтҳову бадбахтҳои атрофиёни худро баробар ҳисобидаанд.***

***Омили хушбахтии худро 37% пурсидашудагон дар шароити мусоиди оилавӣ ва таъминоти моддӣ мебинанд, бахти 18% одамонро фарзандону набераҳо таъмин кардаанд. Аксаран касбу кори шавқовар, дастгирии дӯстон, соҳиби манзил буданро асоси бахти худ медонанд. Ба хушбахтии мардум асосан мушкилоти молиявӣ, пириву беморӣ, надоштани ихтисоси мувофиқ, норасоии манзил ва баландшавии нархи наво халал мерасондааст.***

***Ба фикри мо, хулосаи таҳқиқоти дуюм дурусттар ба назар мерасад. Муҳоҷирон дар саросари олам ҳастанд ва таъсири онҳо ба асаби мардум гоҳо хуб аст. Охири соли гузашта ва январ-феврали соли ҷорӣ бисёр сокинони Русия дар блогҳои худ аз кам шудани муҳоҷирон, тоза нашуда мондани барфи кӯчаву бомҳо изҳори ташвиш намуда будаанд. Албатта, соатҳои зиёди ҳаракат дар нақлиёт касро хаста менамояд, вале пас аз муддате одамон одат мекунанд, зеро ки тамбашавии роҳ ва зиёдшавии нақлиёт дар бисёр шаҳрҳои ҷаҳон як ҳолати муқаррарӣ шудааст. Аммо ба норасоии молиявӣ, сарпаноҳ надоштан, барои доруву даво маблағ пайдо карда натавонистан, кори мувофиқи ба дил хушоянд пайдо карда натавонистан басо гарон буда, ба он одат кардан гайриимкон аст.***

**Ҷ.ҚУДДУС**

# БИСЁРЗАНӢ РАНҶИ ДИЛ БА БОР ОРАД

**Ҳолати бисёрзанӣ бештар байни мардҳои ошиқпешаи кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Ғарбӣ, Шарқи Наздик, Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ реша давондааст. Асосан то чор занро дар як минтақа ё маҳалҳои гуногун нигоҳ медоранд. Занҳо одатан дар манзилҳои гуногун зиндагӣ мекунанд. Вале дар Тоҷикистон шояд ба иллати ҳукми гузарои баъзе мардҳо, ё камбағалии онҳо, ё беиродагиву бечорагии занҳо, чунин ҳолатҳое дучор мешаванд, ки гоҳо ду зан дар як ҳавлӣ, ҳатто дар як хонаи дуҳуҷрагӣ низ истиқомат мекунанд. Муҳимаш, муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ бошад. Аммо гап сари дигар муаммост…**



**ПАЖУҲИШҲОИ** тиббӣ дар Арабистони Саъудӣ маълум карданд, ки дар ин мамлакати бойтарини ҷаҳон дили аксари мардҳои бисёрзана иллатҳо пайдо намудааст.

Дар пажуҳиш 687 нафар ширкат намуданд. Синни миёнаи онҳо 59 сол буда, 56% аз бемории қанд, 57% аз фишорбаландӣ ва 45% аз бемориҳои дил шикоят доштанд.

Аз ин мардҳо 68% соҳиби як зан, 19% молики ду зан, 10% - хӯҷаини се зан ва ҳатто 3% чор зан доштаанд. Умри мардҳои якзана нисбатан зиёд буда, дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва даромадашон бештар будааст. Онҳо бидуни амалиёти мураккаби ҷарроҳӣ дар шоҳрагҳо бо муоличаи давоӣ шифо ёфтанд.

Пажӯҳишгарон ба ҳисоб гирифтаанд, ки байни серзанӣ ва ташаннуҷи бемориҳои рагу дил алоқаи шадид мавҷуд аст. Мутахассисон омилҳоеро ба ҳисоб гирифтанд, ки ба натиҷаи ниҳоӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ин ҳолат эҳтимоли сар задани бемориҳои дил, махсусан, иллати шоҳрагҳои дилро то 4,6 баробар, бемории шоҳраги чапи коронариро 3,5 баробар ва тахрибёбии рагҳоро 2,6 баробар зиёд мекардааст. Инчунин, ба фикри пизишкон, ба бисёрзанаҳо якчанд сарчашмаи даромад доштан лозим аст. Бинобар ин, дар ду ҷой кор кардан, барои даромади бештар ба шаҳр рафта омадан, умуман ҳамеша дар фикри ёфтани маблағи иловагӣ афтодан боиси дарди шадиди сар мегардад ва ба кори дил таъсири манфӣ мерасонад.

Ин натиҷаҳо дар Арабистони сарватманд ба даст омадааст, ки мувофиқи қонунҳояш занҳо нисбат ба мардҳо эҳтироми бештар доранд, ва пурра дар итоати шавҳар мебошанд. Вале бо вуҷуди ин, ҳар як зан дархости худро дорад ва "нозу нуз"-и онҳо зарбаҳои ноаёнест, ки рост ба дили мард мерасад. Дар кишварҳои нисбатан хеле камдаромад чӣ? Дар ҳоле, ки дар оилаи якзана ҳам нофаҳмиҳо рух медиҳад, ҳангоми ду-се зан доштан ҷанҷол ду-се баробар бештар мешавад, пас аз куҷо дилу сар беосеб шавад? Ҳайфи мардҳои зандӯстдор...

Таҳқиқот идома дорад. Шояд мушоҳидаҳои завҷаи мардҳои бисёрникоҳа андешаҳои худро пешниҳод менамоянд? Махфӣ нигоҳ доштани сирри мукотибот кафолат дода мешавад.

**Ҷ. ҚУДДУС**




Президенти Академияи фанҳои ҶТ то с. 1988 Муҳаммадҷон ...

«Ду ... як сӣ» (зарб.)

Таоми хоси маъракаҳо

«Агар ... турки шерозӣ»

Покнажод, ҳақиқӣ

Падарарӯс

Мунаҷҷим, астроном

Мамлакат дар Африқо

Паҳлавони асотири Юнони Қадим

Тухми моҳӣ (русӣ)

Конфети заспаки шӯравӣ

Сарҳад

Забони яке аз халқҳои Осиёи Марказӣ

Фигураи геометрӣ

Банд барои қатл

Гармкунаки бобогӣ

Асосгузори адабиёти ӯзбек

Нӯшокии ширин

Паррандаи мурғобимонанд

Баъди он омин мегӯянд

Дастгоҳи сунъии ҷӯҷабарорӣ

Сифр (русӣ)

Анҷоми дуо

Шаҳри калонтарини Канада

Абуалӣ ...и Сино

Аз «рафтан» тезтар

Дӯстдоранда, дилбохта

Тарс, бим

Муроҷиат ба мардон дар Эрон

Зимистони ... (бениҳоят сард)

... Капур, актёри машҳури ҳиндӣ

Асбоби деҳқон

Кумитаи амнияти СССР (ихтисораи русӣ)

Ҳалқаҳои бисёри ба ҳам часпида

Меҳмони ... (аз ҳама азиз, баландқадр)

Хушк

Андом, рӯ

Номи маъмули русӣ

Сомонаи интернетии «ҳамсинфон» (русӣ)

Бародари амма

Тими футболи Рим (Италия)

Гиёҳи хушбӯи ғизогӣ



СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ф | | | Н | А | В | О | Р | Г | И | Р | И | | А | Н | Е | К | Д | О | Т |
| И | | | | | | | | У | | | З | | | О | | | А | | А |
| Р | | | | | | | Х | Р | У | Ш | О | В | | С | У | Б | Ҳ | | Ъ |
| Д | | | | | | | | З | | О | | О | | | З | | Л | О | М |
| А | | | | | | | Б | А | Р | Х | У | Р | Д | О | Р | | Е | | И |
| В | | | | | | | Р | | А | | С | | У | | | О | З | О | Р |
| С | О | Д | Д | А | | | А | В | Қ | О | Т | | З | И | К | Р | | | |
| И | | О | | Б | Р | У | К | | О | | О | Р | Д | | | У | С | М | А |
| | | Н | | Р | | М | | | Б | Е | Х | | | Д | | | | | Н |
| Я | М | А | Х | А | | Р | А | М | А | | О | Ш | Н | О | | | | | Т |
| Л | | | У | | О | | У | | Т | | Н | | | Л | | | | | Е |
| А | М | У | Р | | Т | У | Т | И | | К | А | Ф | И | Л | | | | | Н |
| М | | | У | Х | А | | | М | | А | | А | | А | | | | | Н |
| А | Н | И | С | | Ш | У | Ҷ | О | А | Т | | Ч | О | Р | К | У | Н | Ҷ | А |

Минбари халқ
6 майи соли 2015,
№19 (998)

**70 сол қабл халқҳои озодихоҳи ҷаҳон 9-маи соли 1945 ғалаба бар фашизми олмониро бо тантана ҷашн гирифтанд. Бо таслимшавии Германия Ҷанги Дуюми Ҷаҳон дар Аврупо ба анҷом расид.**

# Ҳақиқати ҷанг таҳриф нашавад!




**ҒАЛАБА** бар истилогарони фашистӣ бо қувваи халқҳои бисёр ба даст омад. Артиш ва халқҳои Шӯравӣ ба саҳмгузории ИМА, Анг-лия, Франсия, Канада ва дигар иттифоқчиён дар доираи эътилофи зиддифашистӣ баҳои баланд доданд. Ба муқобили душмани умумӣ қӯшунҳои Полша, Чехословакия, Югославия ва дар марҳалаи хотимавии ҷанг қисмҳо ва қувваҳои муттаҳидаи руминӣ ва булғорӣ далерона ҷангиданд. Дар хоки давлатҳои аз тарафи фашистон ишғолкардаи Аврупо иштирокчиёни ҳаракати муқовимат мардонавор муқобилият нишон доданд. Аммо вазнинии асосии мубориза бо Германияи гитлерӣ ба халқи советӣ ва Қувваҳои Мусаллаҳи он тааллуқ дошт.

Ҷанги Дуюми Ҷаҳон 61 давлатро бо аҳолии 1, 7 млрд одам ба доми худ кашид. Ҳаракатҳои ҷангӣ Аврупо, Осиё ва Африқоро фаро гирифта, ба ҳудуди 40 мамлакат доман паҳн намуд. Вале муҳорибаҳои ҳалкунанда ба Аврупо дар фронти советӣ-германӣ ба вуқуъ пайвастанд. Аслан аз тарафи Армияи Советӣ барҳам додани қувваҳои асосии Германияи фашистӣ давлати гитлерӣ ва техникаи ҳарбии онро ба ҳалокат расонид.

Дар он вақт ходимони давлатҳои Ғарб инро дарк намуданд. Масалан, сарвазири Британияи Кабир У.Черчилл 27 сентябри соли 1944 дар номааш ба И. В. Сталин навишта буд: "Ман аз фурсат истифода бурда, пагоҳ дар Палатаи намояндагон ба такрор хоҳам гуфт, ки маҳз армияи рус аз мошини ҳарбии германӣ рӯдаашро баровард".

Дар майи соли 1942 Президенти ИМА Ф. Рузвелт дар барқияаш ба генерал Макартур иқрор шуд: "…русҳо бештар аскарони душманро нобуд ва нисбат ба ҳамаи 25 давлати боқимондаи эътилоф бештар яроқ ва лавозимоти ҳарбиро нобуд мекунанд".

Мутаассифона, ҳоло аз ин баёнияҳо дар Ғарб бисёр кам хотиррасон мешаванд. Гузашта аз ин дар китобҳо дар бораи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, ки ба қалами сиёсатмадорони буржуазӣ, таърихчиён ва генералҳо тааллуқ доранд, навиштаҳоеро мебинем, ки ҳақиқати таърих ва рӯйдодҳо сохтакорӣ шудаанд.

Саҳми ҳалкунандаи Қувваҳои мусаллаҳи Советӣ дар торумори армияҳои гитлерӣ эътироф карда намешавад. Адмирали америкоӣ С. Морисон иддао менамояд, ки натиҷаи ҷанг бо Германия гӯё ба фуровардани қӯшунҳои англо-америкоӣ дар Франсия вобаста буд. Ин ақидаро таърихшиноси англис Ф.С. Фулкер собиқ генералҳои гитлерӣ К. Типпелскрих, М. Меллентин. Э. Вестфал ва дигарон ба миён оварданд. Генерал Х. Мантейфел нақши асосиро дар ғалабаи эътилофи зиддигитлерӣ аз болои блоки фашистӣ ба техникаи ҳарбии ИМА нисбат медиҳад. Таърихшиноси америкоӣ Э.Симка дар китоби худ "Аз Сталинград то Берлин. Шикастхӯрии Германия дар Шарқ" ошкоро кӯшиш кардааст, ки нақши Иттифоқи Советиро дар шикаст додани Германияи миллатгаро паст занад… Аммо ҳақиқати ҳол нишон медиҳад, ки дар солҳои 1941-1945 фронти советӣ-германӣ қувваҳои асосии вермахти гитлериро ба худ ҷалб карда буд. Аз 22 июни соли 1941 то аввали соли 1944 дар ҷабҳаи Олмону Шӯравӣ аз 153 то 201 дивизияи немисҳо ҷойгир буданд. Дар ин вақт ба муқобили аскари англисию америкоӣ аз 2 то 19, 5 дивизияи немисӣ меҷангиданд.

Ба муқобили Армияи Советӣ дар июни соли 1944 18 5 дивизияи немисӣ ва 58 давлатҳои думрави Германия ҳаракат мекарданд. Дар маъракаҳои ҷамъбастии соли 1945 қӯшунҳои советӣ ба муқобили худ 179 дивизияи немисӣ ва 16 венгериро доштанд ва ҳол он ки қӯшунҳои америкоию англисӣ бо 107 дивизия рӯ ба рӯ буданд. Ҳуҷумҳои Армияи Советӣ дар фазои васеи ҳазорҳокилометра паҳн гардид. Танҳо дар марҳилаи ҳуҷуми ҷавобии Армияи Советӣ дар назди Сталинград армияи немисӣ-фашистӣ 32 дивизия ва 6 бригадаро аз даст дод ва 16 дивизияи дигараш ба талафоти калон дучор омад.

Муҳориба дар Волга гардиши куллӣ дар рафти Ҷанги Дуюми Ҷаҳон буд ва тақдири Ҷанги Бузурги Ватаниро бо Германияи фашистӣ аз қабл ба манфиати Иттиҳоди Шӯравӣ гузошт.

Ғалабаи Армияи Советӣ дар назди Сталинград, муҳориба дар назди Камонаки Курск (тобистони соли 1943) "империяи сеюм"-и фашистиро ба ларза овард. Даҳҳо дивизияи немисӣ, ки асоси мошини ҷангии Германияро ташкил мекарданд, аз тарафи Армияи Советӣ дар рафти амалиёти васеи ҳуҷумии солҳои 1944 ва 1945 шикаста шуданд.

Минбаъд талафоти қӯшунҳои гитлерӣ пай дар пай афзоиш ёфт. Мутобиқи маълумоти расмии ситоди фармондеҳии немисӣ, талафоти вермахт дар фронти советӣ-германӣ то охири соли 1944 ба 5 млн. нафар расид. Ҳамагӣ Армияи Советӣ дар рафти ҷанг 507 дивизияи немисӣ ва 100 дивизияи мамлакатҳои пайрави Германияро аз байн бурд. Дар ҳоле ки иттифоқчиёни шӯравӣ дар Аврупои Ғарбӣ, Африқои Шимолӣ ва Италия на бештар аз 176 дивизияи душманро нобуд карданд.

Э. Симке ва дигар таърихчиёни Ғарб хонандагонро бовар кунониданианд, ки бомбаандозҳои нерӯҳои ҳавоии англисию амрикоӣ гӯё Германияро ба ҳолати ҳалокашавӣ расониданд. Аммо тибқи маълумоти Институти тадқиқоти иқтисодии Олмон истеҳсоли ҳарбӣ дар Германия аз аввали соли 1941 то миёнаи соли 1944 ба парвозҳои шадиди ҳавоӣ нигоҳ накарда, қариб 5 маротиба рушд меёбад. Ин онро мефаҳмонад, ки 18 фоизи ҳамаи бомбаҳои ба Германия партофташуда ба иншооти ҳарбӣ афтиданд, вале боқимонда ба хонаҳои истиқоматӣ, иморатҳои маданӣ ва дигар корхонаҳои ғайринизомӣ.

Дар ин ҷанги бесобиқа халқи Шӯравӣ бо қурбонии 20 миллион нафар ба ғалаба расид. Дар солҳои вазнини ҷанг мардуми мо ба тамоми дунё матонату мардонагӣ, устуворӣ дӯст доштани Ватан, рӯҳияи баланди ҷангии худро нишон дод. Далерию қаҳрамонии аскари советӣ, ки инсониятро аз ғуломӣ бар фашизм раҳо бахшид, дар хотири одамон ба таври доимӣ боқӣ монда ва таърих таҳрифи ин ҷангро намепазирад.

**Бобо НУРАЛИЕВ,**
*раиси Шӯрои собиқадорони ҷанг ва меҳнати ноҳияи Ҷиллик̣ӯл*


## "СУПЕР САБЕЛЬНИК" – БА МЕЪДА ЗАРАР НАРАСОНИДА, ДАРДУ СӮЗИШРО БАРТАРАФ МЕСОЗАД!




Растании қатра-оби **"Супер Сабельник"** таъсири воқеан ҳайратангез дорад. Он ҳангоми табобати бемориҳои артрит (устухону буғумҳо) ва артроз (сутунмӯҳра) давои беҳамтост. Намакро хориҷ, дарду сӯзишро бартараф, варам ва шамолхӯрии буғумҳоро нест мекунад ва беҷошавӣ, рагкаширо бартараф менамояд.

Аксари воситаҳои рафъкунандаи дард, (ампулаҳо ва дигар доруҳо, ҳангоми истеъмол) ба меъда таъсири ҳалокатовар доранд. Аммо гиёҳӣ қатра-обии **"Супер Сабельник"** баръакс онро табобат мекунад. Ҳангоми харидорӣ намудани "Супер Сабельник" бояд дар навиштаҷоти он **"Целебные травы"** дида шавад. Зеро маҳз ҳамин навъи маҳсулот дар таркибаш спирт ва қанд надорад, аз ин рӯ истеъмоли он барои ашхосе, ки гирифтори бемории қанд ва фарбеҳиянд безарар аст. **Истифода:** аз 7 сола боло ва ба ҳамаи синну сол 10-20 чакрагӣ 2 бор давоми 1 моҳ истеъмол намоед. Шахсоне, ки дардашон кӯҳна асту муддати табобатро тӯлонӣ давом додан мехоҳанд, истеъмоли он мумкин аст.

**Нархи фурӯш:** 27 сомонӣ. **Истеҳсолкунанда:** Русия. **АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**

## «УРОЛЕЗИН ФОРТЕ» – ДАВОИ ГУРДА БО УСУЛИ ГИЁҲӢ…




Маҷмӯи растанигии ин даво барои беҳтар намудани вазъи функсионалии гурда ва роҳҳои пешобгузар таъсир расонида, инкишофи илтиҳоб ва боқимондани пешобро нест медиҳад. Хунукиҳои гурдаро аз байн бурда пайдоиши сангро дар он пешгирӣ мекунад.

**Уролезин** форте организмро аз токсинҳо ва дигар моддаҳои зараррасон тоза мегардонад. **Истифода:** ба калонсолон 2 ҳаб 3 бор дар як рӯз, ҳангоми хӯрок. Давомнокӣ 1 моҳ. Дар таркибаш спирт ва қанд надорад, аз ин рӯ барои гирифторони диабет, фарбеҳшавӣ истифодааш зараре намерасонад.

**Шакли барориш:** №60 ҳаб нархи фурӯш 38 сомонӣ.

**МАҲСУЛОТ ИСТЕҲСОЛИ ДАВЛАТИ РУССИЯ АСТ.
АЗ ДОРУХОНАҲО ПУРСОН ШАВЕД!**

## «ШИРЛАЙН» - ДАВОИ САД БЕМОРӢ! ШИФО МЕЁБЕМ ВА ХАРОБ МЕШАВЕМ!



Олимони Русия истеҳсоли давои набототии **"Ширлайн"**-ро ба роҳ монданд, ки ҷиҳати табобати маҷмӯи бемориҳои зиёд, аз қабили бемориҳои узвҳои ҳозима дар марҳилаи оғозшавӣ, бемориҳои қисматҳои поёнии рӯдаи ғафс (бавосир), бемориҳои гинекологӣ ва урологӣ тавсия гардида, ба бартарафсозии заъфи талхадон, тозакунии организм ва табобати комплексӣ барои харобшавӣ, рафъи қабзияти музмин, барқарор намудани норасоии организм ба минералҳои ҳаётан муҳим ҳангоми пайдошавии талаботи бештар ба онҳо - дар давраи инкишофи организм, араққунии барзиёд, қайъ кардан ва дарунравӣ мусоидат менамояд.

**"Ширлайн"** хушкидаи омехтаҳои таркиби оби кӯли Шира аст, ки маҷмӯи наҷиби макро ва микроэлементҳо (калий, натрий, калсий, магний, мис, литий, алюминий, манган, бром, нуқра, фосфор) буда, дар об ҳалшаванда аст. **"Ширлайн"** дорои хусусиятҳои зиддиилтиҳобӣ, антибактериявӣ, талхарониву пешобронӣбуда, ба муназзамшавии фаъолияти ҷигар, меъдаву рӯда ва гурдаҳо мусоидат мекунад. Ҳамчунин дар ҳолатҳои асабонияти зиёд, бехобӣ ва бемориҳои асаб тавсия гардида, пайдошавии ожангҳоро пешгирӣ менамояд ва пӯсти рӯйро нарму зебо мегардонад. Ҷиҳати табобати бавосир (геморрой) низ истифода бурда мешавад. **Нархи фурӯш** 36 сомонӣ. **Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед!**

Истеъмоли бетанаффуси он дар тӯли на камтар аз 20 рӯз харобшавии инсонро то 5 кг аз вазни зиёдатӣ раҳоӣ мебахшад.


**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи бақайдгирии гумшудаи манзили истиқоматии Салимов Салиҳ таҳти №460 аз 27.09.1989, воқеъ дар деҳаи Чавалаи ҷамоати деҳоти Қиблаии ноҳияи Рӯдакӣ эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ЦВ №596656, ки онро Мактаби олии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 ба Қурбонов Шодӣ Ҳакимович бо ихтисоси ҳуқуқшинос додааст, эътибор надорад.

***

Патенти Мамадшоев Гулбек Қурбоназарович таҳти №0079645, РЯМ 7530004415, РМА 755001878, ки санаи 05.05.2014 дар Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон дар ноҳияи Мурғоб сабт шудааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, воқеъ дар ноҳияи Данғара, кӯчаи Советӣ, 34 (109), ки ба шаҳрванд Саидов Саъдулло тааалluқ дорад, аз эътибор соқит дониста шавад.

МИНБАРИ ХАЛҚ

*Сармуҳаррир*
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

**Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат:** Хусрав Дӯстов

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир,
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО:
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16. Индекси обуна: 68910*

Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».



Навбатдор: С. ЮСУФОВ

Теъдоди нашр: 48952 нусха